Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон
Саволҳои имтиҳонӣ аз фанни «Фалсафа ва методологияи илм» барои магистрҳо дар соли хониши 2019-2020

@1.Аз нигоҳи ин консепсия ташаккули илм пурра ва комилан ба шароитҳои беруна, аз қабили муҳити мувофиқи иқтисодӣ, иҷтимою таърихӣ вобаста аст.Ном баред:
$A) Экстернализм;
$B) Интернализм;
$C) Гноститсизм;
$D) Верификатсия;
$E) Фалсификатсия;

@2.Ибораи машҳури «китоби Олам ба забони математика навишта шудааст» ба кӣ тааллуқ дорад?
$A) Галилео Галилей;
$B) Иоанн Кеплер;
$C) Николай Коперник;
$D) Ҷордано Бруно;
$E) Исаак Нютон;

@3.Фалсафаи илм ҳамчун фасли фалсафа ва чун ҷараёни фалсафӣ хусусиятҳои фаъолияти илмиро таҳқиқ менамояд.Марҳилаи эҷод шудани фалсафаи илмро нишон диҳед:
$A) Миёнаҳои қарни XIX эҷод шудааст;
$B) Ба давраи элинистии ташаккули фалсафаи аттиқа рост меояд;
$C) Миёнаҳои ҳазорсолаи якуми то мелод;
$D) Ба вуҷуд омадани фалсафаи илм ба марҳилаи чаҳоруми инқилоби илмию техникӣ (охири қарни XX) мувофиқ меояд;
$E) Дар низоми натурфалсафаи замони Эҳё ташаккул ёфтааст;

@4.Назарияи маърифати илмиро чӣ меноманд?
$A) Эпистемология;
$B) Гносеология;
$C) Монадология;
$D) Феноменология;
$E) Онтология;

@5.Илм наметавонад характери деперсонификатсия дошта бошад.Яъне набояд илмро берун аз манфиат, эҳтиёҷ ва ҳадафҳои олим ҷудо сохт.Мувофиқи андешаи ӯ донишандӯзии шахсию хусусӣ ногузир фидокории интеллектуалиро тақозо дорад.Ин консепсия дар гносеология Ғарб ба кӣ тааллуқ дорад?
$A) Олими британӣ М.Поланӣ;
$B) Файласуфи австрягӣ Л.Витгейнштейн;
$C) А.Уайтхед;
$D) В.П.Кохановский;
$E) В.С.Степин;

@6.Низоми кулли мантиқи шаклӣ, «фалсафаи аввалия», классификатсияи мафҳумҳо ва методи диалектикиро эҷод намуда, дар маърифати табиат онро муҳим донистааст:
$A) Арасту;
$B) Бенедикт Спиноза;
$C) Готфрид Лейбнитс;
$D) Рене Декарт;
$E) Фрэнсис Бэкон;

@7.Аз нигоҳи ин фаҳмиш нерӯи ҳаракатдиҳандаи инкишофи илм ба табиати дохилии донишҳои илмӣ вобаста буда, мантиқи ҳаллу фасли илм, алоқамандии анъанаю навовариҳои илм ба хусусияту имкониятҳои дохилию таркибии раванди маърифатӣ вобаста аст.Дар ин фаҳмиш омили иҷтимоию фарҳангӣ аҳамияти дуюмдараҷа дорад:
$A) Интернализм;
$B) Верификатсия;
$C) Гноститсизм;
$D) Фалсификатсия;
$E) Экстернализм;

@8.Ҳадафи ин назария воқеият ва ҳақиқати ҳукмҳою андешаҳои илмиро ба воситаи санҷиши таҷрибавии он, муқаррар кардан аст.Ҳолати воқеии илм ба воситаи мушоҳида, ченкунӣ ва эксперимент муайян мешавад.Ин назария омилҳои таҳқиқоти мустақим (бевосита ба далелҳо ва фактҳои дохилӣ такя намудан) ва ғайримустақимро (ба воситаи муқарраротҳои санҷидашудаи ғайрӣ) дар роҳи исботи ҳаққонияти илм ба эътибор мегирад.Аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои «ҳақиқӣ» ва «анҷом медиҳам»-ро дорад:
$A) Верификатсия;
$B) Типологизатсия;

$C) Дедуксия;
$D) Фалсификатсия;
$E) Пролифератсия;

@9.Имконияти дар санҷишу таҷриба исбот сохтани ботилият ва дурӯғин будан муқаррароти илмӣ ва ё фарзияи илмиро меноманд.Аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои ботил сохтанро дорад:
$A) Фалсификатсия;
$B) Корпускуляр;
$C) Дифраксия;
$D) Квазиэксперимент;
$E) Коррелятсия;

@10.Ин мутафаккир итминон дорад, ки дастоварду муваффақиятҳои асотир дар муқоиса ба илм афзалияти бештаре дорад.Маҳз дар заминаи асотир шакли бадеию образии маърифат эҷод шуд ва ташаккули баъдии хешро дар санъат дарёфт.Ӯ андеша дорад, ки ихтироъкунандагони асотир оғози фарҳангро гузоштанд, дар ҳоле ки ақлгароён (ратсионалистҳо) оламро на ҳамеша ба сӯи беҳбудӣ ва некӣ дигаргун кардаанд:
$A) П.Фейерабенд;
$B) И.Лакатос;
$C) Томас Кун;
$D) Л.Витгейнштейн;
$E) М.Полани;

@11.Азбаски эҷодиёти илмӣ ҳамчун муносибати ҳақиқии инсон ба олам имконпазир аст, пас «то ҳамон хадде, ки табиатшиносӣ дар таркиботи худ илмро дар бораи инсон фаро мегирад, то ҳамон хад илм дар бораи инсон низ - табиатшиносиро фарогир аст: ин илми ягона хоҳад буд»:
$A) Карл Маркс;
$B) Фридрих Энгельс;
$C) Огюст Конт;
$D) Эрнст Мах;
$E) Фред Бон;

@12.«Танҳо як зуҳуроти аслию асосиест, ки тафаккури илмиро муайян сохта, натоиҷи илмӣ ва файсалаҳои илмиро равшану оддӣ аз муқаррароти фалсафа ва дин фарқ мегузорад – ин дурустии ҳатмӣ ва бидуни баҳс будани хулосаҳои илмӣ, исботҳои илмӣ, мафҳум ва натиҷаҳои илм аст».Бо ин илм аз дигар шаклҳои дониш ва зуҳуротҳои маънавии инсонӣ тафовут дорад.Ин андеша ба кӣ тааалluқ дорад?
$A) В.И.Вернадский;
$B) С.П.Тимошенко;
$C) Б.И.Спасский;
$D) Я.Дорфман;
$E) Д.И.Ивановский;

@13.Субъекти илм - унсурҳои асосии он аст.Номгӯи мушаххаси онро муайян кунед:
$A) муҳаққиқи алоҳида, иттиҳоди олимон, коллективи олимон ва дар ҳадди охир кулли ҷомеа;
$B) Афсарон, хизматчиёни давлатӣ, шӯрои нависандагон, иттиҳодияи рӯзноманигон, Академияи фанҳо;
$C) Иттифоқи бастакорон, шоирону нависандагон, файласуфону рӯҳониён;
$D) Корманди китобхона, роҳбаладиi сайёҳон, меъморон, мусаввирон ва иттиҳодияи олимону рӯзноманигорон;
$E) Ҳунарпешаҳои театр, хидматчиёни идораи давлатӣ, муаллимон, аспирантҳо ва унвонҷӯён;

@14.Манзараи олам дар асоси назарияҳои бунёдии илмӣ, дар ҳадди инкишофи амалияи ҷамъиятӣ ва маърифат эҷод мегардад.Марҳилаҳои ивазшавии манзараи илмии олам чунин аст:
$A) Манзараи табиатшиносии илм (қабл аз ҳама физика), ки дар заминаи механикаи классикӣ эҷод шуд, электродинамика, механикаи квантӣ ва назарияи нисбият (аз аввали қарни 20), дар замони муосир – синергетика;
$B) Фаҳмиши геосентристии олам, фарзияи небулярӣ, қонуни ҷозибаи олам ва ҳоло бошад назарияи майдонҳои гравитатсионӣ;
$C) Қонуни Архимед, конвенсионализми классикӣ, назарияи ноосфера ва дар замони муосир бошад модели планетарии атом;
$D) Қонуни Бойл-Мариот, назарияи электромагнитии рӯшноӣ, назарияи диссосиатсияи электролитӣ, консепсияи қитъаҳои шинокунанда;
$E) Физиологияи фаъолияти олии асаб, назарияи ирсияти хромосомӣ, кашфи кислород, дар замони муосир бошад классификатсияи зарраҳои элементарӣ – лазер;

@15.Илмхои назариявӣ, илмҳои амалӣ ва илмхои эҷодӣ: чунин кӯшиши аввалини классификатсияи илм аз тарафи кадом мутафаккир анҷом дода шуд?
$A) Форобӣ;
$B) Сино;
$C) Пифагор;
$D) Архимед;
$E) Арасту;

@16.Дар марҳилаи пайдо шудани илм ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию фарҳангӣ (асрҳои 16-17) ва «Барқароршавии Бузурги Илм» ин мутафаккир дар алоқамандӣ бо қобилияти маърифатии инсон (чун хотира, фаҳм ва тахаюл) илмро ба се гурӯҳи калон тақсим менамояд: 1.Таърих чун навиштани фактҳо, аз ҷумла таърихи табиӣ ва иҷтимоӣ 2.Илмхои назариявӣ ё ин ки «фалсафа» бо маънои васеаш 3.Назм, адабиёт, умуман санъат.Ном баред:
$A) Ф.Бэкон;
$B) Р.Декарт;
$C) Б.Спиноза;
$D) И.Нютон;
$E) Г.Лейбнитс;

@17.Классификатсияи илмро дар заминаи диалектикаи идеалистӣ ин мутафаккир муайян карда, аввал мантиқ, дуюм фалсафаи табиат ва сеюм фалсафаи рӯҳро ном мегирад.Дар таркиботи фалсафаи табиат механика, физика (омӯзиши равандҳои химиявӣ низ фаро мегирад) ва физикаи узвӣ дохил аст, ки мустақиман табиати геологӣ, табиати наботот ва олами ҳайвонотро арзёбӣ мекунад.Ин мутафаккирро ном гиред:
$A) Г.Гегел;
$B) Д.Юм;
$C) Ҷ.Беркли;
$D) И.Кеплер;
$E) Ж.Бюфон;

@18.Классификатсияи илмҳоро аз ҷониби Ф.Бэкон рад намуда, бунёдгузори позитивизм таъкид намуд, ки бояд тақсимоти илмҳо аз доираи омӯзиши предмети илм оғоз гашта, робитаҳои табиию воқеии байни онҳоро ба эътибор гирифт.Тибқи ин принсип вобаста ба соддагию мураккабии илмҳо онро класификатсия намуд: матемаика (аз ҷумла механика), астрономия, физика, химия, физиология (аз ҷумла психология) ва сотсиология.
$A) О.Конт;
$B) Б.Рассел;
$C) Л.Витгейнштейн;
$D) Р.Карнап;
$E) Э.Мах;

@19.Дар асоси материализм ва диалектика, ба кашфиётҳои табиатшиносии замонааш такя намуда, ин мутафаккир меъёри тақсимбандии илмҳоро вобаста ба шаклҳои ҳаракати материя ба эътибор гирифт: механика, физика, химия, биология.Ӯ исбот сохт, ки пайдарҳамию муттасилии шаклҳои ҳаракат ба муттасилии дараҷаҳои инкишофи табиат мувофиқ меояд.Муаллифи асари «Диалектикаи табиат» аст.
$A) Ф.Энгелс;
$B) А.Гресли;
$C) Э.Геккель;
$D) Р.Бойл;
$E) Д.Бернулли;

@20.Илми классикӣ объекти худро таҳқиқ намуда, кӯшиш дошт зимни тасвиру тавзеҳ ва шарҳи назариявии он ҳадалимкон ҳар навоқиси ба субъект, воситаю усул ва амалҳои фаъолиятӣ алоқамандро бартараф намояд.Бартараф намудани камбӯдиҳо шарти зарурии ба даст овардани донишҳои ҳақиқию объективӣ маҳсуб мешуд.Инҷо усули тафаккуре хукм дошт, ки предмети таҳқиқотиро худ ба худ, новобаста аз шароитҳои омӯзиши субъект маърифат менамуданд.Марҳилаи ташаккул ва инкишофи илми классикиро ном баред:
$A) Асрҳои XVII-XIX;
$B) Марҳилаи элинистии фалсафаи аттиқа;
$C) Замони Эҳё;
$D) Миёнаи асри XIX;
$E) Асри XX;

@21.Нуқтаи ибтидоии илми ғайриклассикӣ ба таҳияи назарияи релятивистӣ ва квантӣ алоқаманд буда, объективизми илми классикиро инкор намуда, тасаввуротро дар бораи воқеият ва омили субъективиро ҳамчун ҳолати аз воситаи маърифат новобаста медонад ва онро ба эътибор намегирад.Илми ғайриклассикӣ робитаи байни дониш дар бораи объект ва характери усулу амалиётҳои фаъолиятии субъектро ба таври хос баррасӣ менамояд.Тавзеҳи ин робитаҳоро ҳамчун шарти тасвири объективию воқеии олам меҳисобад.Илми ғайриклассикӣ ба кадом давраи таърихӣ рост меояд?
$A) Нимаи аввали қарни 20;
$B) Охири қарни XVIII ва аввали асри XIX;
$C) Замони Нав, асри XVII-XVIII;
$D) Давраи инқилоби аввали илмию саноатӣ;
$E) Замони муосир;

@22.Хусусияти муҳими илми постғайриклассикӣ – ин ҳамроҳии ҳамешагии фаъолияти субъективӣ ба «ҷисми дониш» аст.Илми постғайриклассикӣ характери мутаносибии донишҳои ҳосилкардаро дар бораи объект на танҳо ба хусусияти воситаю амалиётҳои фаъолияти субъекти маърифаткунанда дар назар дорад, балки таркиботи арзишию ҳадафнигоронаи онро низ ба эътибор мегирад.Марҳилаи таърихии ташаккули илми постғайриклассикиро муайян кунед:

$A) Нимаи дуюми қарни XX;
$B) Марҳилаи дуюми инқилоби илмӣ-саноатӣ;
$C) Марҳилаи римии фалсафаи аттиқа;
$D) Асрҳои XVII-XVIII;
$E) Миёнаҳои асри XIX;

@23.Ин мутафаккири аврупоии аввали қарни XX, файласуф, сотсиолог, муҳаққиқи иқтисоди сиёсӣ, муаллифи асари машҳури «Ахлоқи протестантӣ ва рӯҳи капитализм» менависад, ки набояд илмро ҳамчун роҳе ба сӯи хушбахтӣ ва ё роҳе ба сӯи худованд, арзёбӣ кард.Зеро ки илм ба саволи «Мо чӣ кореро анҷом диҳем?», «Чӣ тавр мо бояд зиндагӣ бикунем» ва «Оё мавҷудияту зистан дар олам маъное дорад?» ҷавоб гуфта наметавонад.
$A) М.Вебер;
$B) Э.Дюркгейм;
$C) П.Сорокин;
$D) Д.Безнюк;
$E) К.Бринкман;

@24.Файласуф ва санъатшиноси франсавӣ, итминон дорад, ки масъулияти бераҳмии инсони муосирро ба сари илм бор кардан, маънои вазнинии ҷинояти қотилро бар олоти ҷиноят бор кардан аст.Муаллифи китоби «Рӯҳи нави илмӣ» (1934) мебошад.
$A) Г.Башляр;
$B) Э.Лейтон;
$C) О.Майер;
$D) Г.Сколимовский;
$E) А.Койре;

@25.Муаллифи асари машҳури «Ҷомеаи кушода» мавқеи ратсионализм ва илмиятро комилан дастгирӣ намуда, «исёни муқобили хирад»-ро аз ҷониби «каромотгӯёни ирратсионалист» хатари бузурге барои тамаддуни инсонӣ меномад.Сабаби дар замони мо мӯд шудани «парешонҳолии интеллектуалӣ»-ро дар ирратсионализм ва ирфон дида, зикр мекунад, ки агар ин «бемории интеллектуалӣ» табобат нашавад, бо таъсири хеш метавонад ҳаёти иҷтимоиро дар таҳлукаю хавф гузорад.Ѓайр аз ин интеллектуале, ки «ратсионализмро обшӯстаю фаҷ» дониста, дар баробари ирфон шавқу завқ ва шодии беҳудаашро ба исрофу ифрот мерасонад, ҳаргиз дар нисбати наздикони хеш қарзи ахлоқии хешро иҷро нахоҳад кард.Ана ҳамин натиҷаи «душмании хаёлпарастона» нисбати илм аст.Дар ҳоле, ки илми муосир интеллекти моро нерӯманд сохта, онро ба назорату интизоми амалӣ тобеъ месозад.
$A) К.Поппер;
$B) Б.Рассель;
$C) Л.Витгейнштейн;
$D) Т.Кун;
$E) Г.Лоренс;

@26.Дар аввлаи қарни XVII ин ду мутафаккир таблиѓгари илму табиатшиносӣ баромад намуда, онро чун зуҳуроти махсуси маънавие медонанд, ки аз таркиботи фалсафа ҷудошудааст.Ин ду мутафаккир методҳои махсуси худро эҷод намуда, принсипҳои фаъолияти илмиро ба миён гузоштанд.Методи схоластикиро сахт танқид намуда, индуксияро чун ҳаракати маърифат аз ҷузъ ба кулл ва дедуксияро чун раванди маърифату дониш аз кулл ба ҷузъ донистанд:
$A) Ф.Бэкон ва Р.Декарт;
$B) Ҷ.Беркли ва Д.Юм;
$C) Б.Спиноза ва Г.Лейбнитс;
$D) Ҷ.Локк ва Г.Гротси;
$E) Т.Гоббс ва А.Пуанкаре;

@27.Аз нигоҳи ин мутафаккири олмонӣ ва муаллифи «фарзияи небулярӣ» дар воқеият илм танхо ба объект (табиат, зуҳуротҳо) сару кор дорад, ки имкониятҳои он бо шаклҳои муроқиба ва тафаккур муайян мегардад.Аз ин лиҳоз равшан аст ки мафҳумҳо аз таҷриба ҳосил нашуда, балки имкониятҳои таҷриба аз категорияҳои фаҳмишу ақл вобастагӣ доранд.Ин категорияҳо дар нисбати предметҳо татбиқ мешаванд, яъне ҳуқуқи ба сифати аҳамияти объективӣ дошта, баромад мекунанд.Онҳо яқин таҷриба ва предметҳои маърифатро эҷод мекунанд.Барои ин мутафаккир «предмет» танҳо ҳамчун предмети маърифат тавзеҳ мeёбад ва аз «чизҳои дар худ» фарқ мекунанд.
$A) И.Кант;
$B) П.Лаплас;
$C) Л.Эйлер;
$D) Г.Гегел;
$E) И.Фихте;

@28.Ин мутафаккир аввалин шуда дар таърихи фалсафа андешаро дар хусуси он ба миён гузошт, ки предмети маърифат ва илм на предмети худ ба худ мавҷудбуда («чизҳои дар худ»), балки таҷриба, маҷмӯи тасаввуротҳои эҳсосӣ, ки аслан ба фаъолнокии субъект алоқаманданд, хоҳад буд.Дар «Танқиди хиради холис» бо итминон арз мекунад, ки фалсафа дар муқоиса ба математика ва табиатшиносӣ ҳолати хушбахтиеро пушти сар накардаю бо амри сарнавишт ҳануз тарзи нави тафаккурро низ таҳия накардааст.Аз ин рӯ фалсафа илми ҳақиқӣ нест, зеро то ҳол бунёди синтетикии куллиро соҳиб нагаштааст.Ягона роҳ ба сӯи илмияти фалсафа

майли ӯ ба сӯи таҷрибаи математикӣ ва табиатшиносӣ аст, то услуби нави тафаккур ва тарзи нави таҳқиқотро таҳия созад.
$A) И.Кант;
$B) Ж.Ламетри;
$C) Т.Ҷефферсон;
$D) Х.Вольф;
$E) А.Смит;

@29.Дар муқоиса бо Кант ӯ илмро бо фалсафа муқобил нагузоштааст.Аз нигоҳи ӯ ҳам табиатшиносӣ ва ҳам фалсафа метавонанд ба сифати илм, ба сифати маърифати илмию назариявӣ баромад кунанд.Раванди маърифатӣ аз нигоҳи ӯ на робитаи фарди мавҳум ба объект (табиат), балки ҳаракати таърихӣ, худмаърифатёбии руҳ аз хештан аст, ки хешро муназзам ба сифати объект ба маърази тамошо мегузорад.Онро бартараф намуда, боз аз нав ташаккул медиҳад, то он замоне, ки айнияти ҳастӣ ва тафаккур, мафҳум ва предмет муяссар нагардад.Аз ин лиҳоз тамоми раванди маърифатӣ ҳамчун шаклгирии шуур, худшиносӣ ва рӯҳ аст.Меҳвари дохилии ин ҳаракати мутлақ айнияти тазодҳост.Мувофиқи андешаи ӯ, рӯҳ ин фаъолияти маънавии объективӣ ва худинкишофёбанда аст.Вазифаи фалсафа ва илм – аз ҷиҳати назариявӣ ин фаъолияти маънавиро бо таркиботи бунёдии он, ҳамчун низоми дохилан худинкишофёбанда маърифат намудан аст.Ӯ низ намояндаи фалсафаи классикии олмонӣ буда, идеализми объективиро муаррифӣ мекунад.
$A) Г.Гегел;
$B) И.Фихте;
$C) А.Шопенгауэр;
$D) Л.Фейербах;
$E) Г.Коллонтай;

@30.Физики шинохтаи шӯравӣ, Лауреати мукофоти Нобелӣ (1978) зикр мекунад, ки олим барои иштибоҳ намудан ҳақ дорад, аммо иштибоҳ ҳанӯз илми ботил (лженаука) нест, балки ҳолатест дар инкишофи худи илм - ҳамчун шаклгирии кулл.Илми ботил ин эътироф накардани иштибоҳи илмӣ аст.
$A) П.Л.Капитса;
$B) П.А.Черенков;
$C) Л.Д.Ландау;
$D) И.Е.Тамм;
$E) И.М.Франк;

@31.Ин математики бузурги олмонӣ, лауреати мукофоти ба номи Лобачевский менависад, ки олим бояд аз миёни тумани ғализи ҳарзагӯию сафсата зӯр зада гузашта, «бунёди харсанги устувори воқеиятро комёб гардад».Муаллифи асари «Фалсафаи математика» буда, солҳои 1885-1955 зиндагӣ кардааст.
$A) Герман Вейл;
$B) Винер Норберт;
$C) Освальд Веблен;
$D) Роже Апери;
$E) Паул Бернайс;

@32.Файласуф ва сотсиологи австриягӣ ва британӣ, бунёдгузори ратсионализми танқидӣ пешниҳодкунандаи принсипи фалсификатсия чунин ақида дорад: илм на аз мушохида, балки аз проблемаҳо оғоз шуда, инкишофи он гузаштан аз як проблемаи амиқ ба проблемаи дигари амиқтаре аст.Проблема бар асари зиддиятҳо дар назарияи алоҳида, ё зимни бо ҳам бархӯрдани ду назарияи гуногун ва ё натиҷаи бо ҳам бархӯрдани назария бо мушохида пайдо мешавад.
$A) К.Поппер;
$B) Т.Кун;
$C) И.Лакатос;
$D) П.Фейерабенд;
$E) А.Койре;

@33.Физики машҳур, лауреати мукофоти Нобелӣ дар китоби «Физика ва воқеият» менависад, ки назария бояд ба чунин меъёрҳо ҷавобгӯ бошад: а) ба далелу фактҳои таҷриба зид набошад,б) дар доираи маводи таҷрибавии мавҷуд буда мавриди санҷишу тафтиш қарор гирад, в) бо бунёди «табиӣ» ва «соддагии мантиқӣ» доштанаш фарқ кунад, г) исботпазирии муайянеро соҳиб бошад, яъне аз ду назарияи мақоми як хела дошта, афзалияти якеаш муайян гардад е) ҳамоҳангу боназокат ва зебо бошад, д) дар миёни назарияҳои баробарарзиш ва мушобеҳи ҳам худсарона интихоб нашавад, ё) гуногунии предметҳоро ба як низоми кулли абстраксияҳо пайваст созад, з) соҳаи васеи татбиқие дошта бошад, ки ҳеҷ вақт мафҳумҳои асосии он инкор нагардад, и) барои эҷоди назарияи наве ҳидоятбахшад.
$A) А.Эйнштейн;
$B) А.Д.Сахаров;
$C) Л.Д.Ландау;
$D) П.Кюри;
$E) В.Хейзенберг;

@34.Математики бузург, механик, физик, астроном ва файласуфи франсавӣ (солҳои 1854-1912 зиндагӣ кардааст) дар китоби «Дар бораи илм» боадолатона тасдиқ мекунад, ки қонунҳо беҳтарин баёнсозандаи ҳамоҳангии дохилии олам буда, оғози аввал ва даструламалест, ки робитаи байни ашёҳоро инъикос менамояд.«Аммо ин дастуруламалҳо магар худсаронаанд? Ҳаргиз не.Дар

ин ҳолат амрномаи беҳосилу бесамаре хоханд буд.Онҳо ба ихтиёри мо интихоби озодонаро муҳайё намуда, дар айни ҳол моро роҳбаладию раҳбарӣ хоҳанд кард».
$A) А.Пуанкаре;
$B) У.Плейфэр;
$C) А.Тюринг;
$D) Т.Байес;
$E) П.Лаплас;

@35.Яке аз созандагони электродинамикаи квантӣ, лауреати мукофоти Нобелӣ (1965), олими америкоӣ (соли зисташ 1918-1988) дар китоби «Характери қонунҳои физикӣ» механизми кашфи қонунҳои навро ба таври зайл тасвир мекунад: «кашфиёти қонуни нав ин тавр сурат мегирад: қабл аз ҳама дар бораи он тахмин мекунанд.Сипас натиҷаи ин тахминро ҳисоб карда, шарҳ медиҳанд, ки чӣ оқибате ин қонун ба бор меорад, агар он боадолат бошад.Баъдан натиҷаҳои тахмину хисоби пешакиро ба он чизе, ки дар табиат мушоҳида мешавад, ба натиҷаи озмоишҳои гузаронидашуда ё бо таҷрибаи мо муқоиса намуда, дар заминаи натоиҷи мушоҳидаҳо маълум месозанд, ки оё он воқеист ё баръакс.Агар ҳисобҳо бо маълумотҳои озмоишию таҷрибавӣ мухолифу зид бошанд, дар ин ҳолат қонун нодуруст аст».
$A) Р.Фейнман;
$B) Ҷ.Бардин;
$C) У.Брэгг;
$D) Б.Моттельсон;
$E) П.Зееман;

@36.Афоризми «Дониш ин қувва аст» имрӯзҳо боз хам бештар аҳамияти актуалӣ дорад.Иистифодаи дониш ва ахбори илмию техникӣ дар ҷомеаи ахборӣ омили асосии инкишофи истеҳсолот гашта, баланд шудани аҳамияти дониш ба нерӯмандшавии илм, маърифат ва методҳои таҳкиқотӣ хоҳад овард.Ба ёд оваред: шиори дар боло зикршударо кӣ ба миён гузошта буд?
$A) Ф.Бэкон;
$B) Афлотун;
$C) Пифагор;
$D) Р.Декарт;
$E) И.Кеплер;

@37.Дар пештоқи ин кохи маърифату илм навишта шуда буд: «Ҳар касе геометрияро намедонад, ворид нашавад» («Негеометр - да не войдет»).Маълум созед:
$A) Дар пештоқи даромадгоҳи Академияи Афлотун;
$B) Дар пештоқи даромадгоҳи Донишгоҳи Алберт – Людвиг дар Фрайбург;
$C) Дар болои манораи коллеҷи Магдален: Оксфорд;
$D) Дар пешайвони Тринити-коллеҷи Кембриҷ;
$E) Болои дарвозаи Шлиссербург;

@38.Муваффақияти математикасозӣ баъзан ба хоҳишу раѓбате оварда мерасонад, ки муҳаққикон осори хешро бо рақаму формулаҳо - бисёр вақт бидуни зарурат «зебу зиннат» доданӣ мешаванд, то ки асари хешро «мӯътабар ва илмӣ» гардонанд.Ба чунин ороишдиҳии ботили илмӣ мутафаккири фалсафаи классикии олмонӣ, идеалисти объективӣ таваҷҷӯҳ намуда менависад, ки миқдор танҳо як сутуҳи инкишофи идея аст.Мутлақ сохтани методҳои маърифати шаклӣ - математикӣ, саҷдаи баёнияҳои забонӣ - рамзӣ аъмоли нораво ва амали беассосе хоҳад буд, таъкид мекунад ӯ.
$A) Г.Гегел;
$B) И.Кант;
$C) Д.Бернулли;
$D) Л.Эйлер;
$E) Б.Паскаль;

@39.Методҳои математикиро вақтҳои охир дар илм ва техника васеъ истифода мебаранд.Аммо наметавон бошуурияти инсон, сатҳи қобилияти ақлию интеллектуалӣ, афзалиятҳои эстетикӣ ва мартабаи осори бадеии ӯро бо усулҳои математикӣ қиёс намуд.«Бисёриҳо гумон доранд, ки математикаро ба қоидаҳои мантиқи шаклӣ як сохтан мумкин аст.Ин танҳо тахаюли фиребона аст» - менависад, математики бузург, механик, физик, астроном ва файласуфи франсавӣ дар асараш «Дар бораи илм».
$A) А.Пуанкаре;
$B) Ж.Лагранж;
$C) А.Тюринг;
$D) Т.Байес;
$E) Ч.Бэббидч;

@40.Ӯ таъкид мекунад, ки проблемаҳои физикиро наметавон аз лиҳози «математикаи холис» ҳаллу фасл сохт ва дар робита ба ин ду самти (ё ду методи) таҳқиқотро дар физикаи назариявӣ ҳад гузошт: математикӣ ва мафҳумӣ, консептуалӣ, фалсафӣ.Агар самти аввал равандҳои табиатро ба воситаи формализми математикӣ тасвир созад, самти дуюм пеш аз ҳама дар бораи «равшансозии мафҳумҳо», ки дар ҳадди охир равандҳои табииро тавзеҳ медиҳад, «ѓамхорӣ» хоҳад кард.«Математика - ин шаклест, ки мо фаҳмиши хешро дар бораи табиат баён месозем, аммо на мундариҷаи онро.Вақте ки дар илми муосир унсури шаклиро аз будаш зиёд баҳогузорӣ мекунанд, иштибоҳ

мекунанд - иштибоҳи бисёр муҳим», менависад яке аз бунёдгузорони механикаи квантӣ, физик-назариётчии олмонӣ, лауреати мукофоти Нобелӣ (1933), муаллифи китоби «Проблемаҳои фалсафии физикаи атомӣ».
$A) Вернер Гейзенберг;
$B) Поль Дирак;
$C) Феликс Блох;
$D) Карл фон Вайцзеккер;
$E) Эрвин Шрёдингер;

@41.Афзал донистани коллективияти эҷодиёти илмӣ ҳаргиз нақши оғози инфародии онро поён намебарад.Эҷодиёти илмӣ на танҳо зуҳури фардӣ дорад, балки тафаккури нав дар ин раванд ҳамеша шахси нотакрор, беназиру беҳамторо муаррифӣ мекунад.Ин физики англис зарофатгӯёна менависад, ки кӯшиши барканор сохтани фард аз илм «баробари он аст, ки нақши «Ҳамлетро» бидуни он ки ӯ шоҳзодаи даниягист, иҷро намоӣ» Оғози индивидуалӣ - шахсӣ қабл аз ҳама ба раванди кашфи эҷодӣ ва натиҷаҳои он таъсир мерасонад. Лауреати мукофоти Нобелӣ доир ба физика (1937).
$A) Ҷорҷ Томсон;
$B) Густав Гертс;
$C) Шарль Гильом;
$D) Нилсь Дален;
$E) Брайан Джоефсон;

@42.А.Эйнштейн зикр мекунад, ки барои илм на танҳо маҳсули эҷодӣ ва дастоварди интеллектуалии он, балки сифатҳои ахлоқӣ, покии андеша, объективият, садоқат ба ғоя ва серталаб нисбати худ будан низ аҳамияти калон дорад.Сотсиологи муосири америкоӣ бошад менависад, ки меъёри илмӣ дар атрофи чаҳор арзишҳои бунёдӣ сохта мешаванд: универсализм, куллият, беғаразона ва шаккокияти муташаккилона.Ин сотсиолог проблемаи таркиботи иҷтимоӣ ва аномияро таҳқиқ намудааст.
$A) Р.Мертон;
$B) Э.Гидденс;
$C) У.Макдугалл;
$D) Т.Уильям;
$E) Р.Парк;

@43.Дар фаҳмиши ин мутафаккири шӯравии рус озодии андеша ва озодии омӯзиши илм то ҳадде бошад, ки ҳатто давлат ҳам ба фаъолияти озодонаю эҷодии олимон дахолат накунад.Аз тарафи дигар «олимон набояд аз эҳтимолияти оқибати корҳои илмӣ ва прогресси илмӣ чашм пӯшанд.Онҳо бояд барои натиҷаҳои кашфиёти хеш масъулият дошта бошанд.Бояд кори хешро ба ташаккули беҳтари инсоният алоқаманд созанд.Андешаю таваҷҷӯҳашон бояд ба ин масъалаҳо равона гардад.Дар олам нерӯмандие нахоҳад буд, чун андешаи озоди илмӣ».Муаллифи таълимот дар бораи биосфера ва ноосфера, асари машҳури ӯ «Андешаи илмӣ чун зуҳуроти сайёравӣ».
$A) В.И.Вернадский;
$B) А.П.Быстров;
$C) Н.Д.Зелинский;
$D) Н.Н.Зинин;
$E) В.А.Фок;

@44.Дар фаҳмиши ӯ манбаи ягонаи дониши воқеӣ ин низоми илмҳои ҷузъӣ мебошад, ки метавонад маводи мусбию позитивӣ диҳад.Барои бунёдгузори позитивизм «Илм – худ ба худ фалсафа» буда, «метафизика» (философия) ҳамчун таълимот дар бораи моҳияти зухуротҳо, дар бораи оғоз ва сабаби онҳо - барканор гашта, ҷои ӯро фалсафаи позитивӣ гирад.
$A) О.Конт;
$B) Г.Спенсер;
$C) Ҷ.Милль;
$D) Р.Авенариус;
$E) Э.Мах;

@45.Аввалин маротиба ӯ ба илм чун зуҳуроти ҷамъиятию таърихӣ назар карда, таъкид намуд, ки илм бевосита ба қувваи истеҳсолкунанда табдил меёбад.Дар фаҳмиши ӯ илм чун соҳаи истеҳсолоти маънавӣ баҳогузорӣ шуда, консепсияи фалсафӣ - сотсиологии илмро ба миён гузошт.Дар консепсияи ӯ илм ҳамчун соҳаи махсус ва мустақили меҳнат таҳлил шуда, ҳама гуна фаъолияти илмӣ, хар кашфиёт ва ҳар ихтироот чун меҳнати умумӣ тавсиф мегардад.Инкишофи илм чун боигарии маънавию амалӣ яке аз шаклҳои инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда аст.Унвони яке аз асарҳои ӯ: «Дастхатҳои иқтисодӣ-фалсафии соли 1844» аст.
$A) К.Маркс;
$B) М.Вебер;
$C) Ф.Энгельс;
$D) Л.Фейербах;
$E) Е.Дюринг;

@46.Асоси объективии меросиятро дар илм ин ду мутафаккир ба таври рамзӣ чунин тасвир мекунанд: «…сохтани назарияи нав ба вайронкунии анбори кӯҳна ва дар ҷои он сохтани бинои осмонхарош монанд нест.Он аниқтараш монанд аст мисли боло шудан ба кӯҳ, ки манзараҳои нав ва фарохро кушода, робитаи ғайричашмдошти байни нуқтаи ибтидоии ҳаракати мо ва боигариҳои атрофи онро нишон

медиҳад.Аммо нуқтае, ки мо аз онҷо ба ҳаракат шурӯъ намудем, ҳоло вуҷуд дорад ва хело хурд намоён буда, ҷузъи майдатарини тасвири манзараи васеест, ки ба чашми мо менамояд». Асари муштараки онҳо «Эволютсияи физика» ном дорад.
$A) А.Эйнштейн ва Л.Инфельд;
$B) В.Ленин ва Г.Плеханов;
$C) К.Маркс ва Ф.Энгельс;
$D) Э.Мах ва Авенариус;
$E) К.Поппер ва Л.Витгейнштейн;

@47.Назарияи нав ҳам афзалият ва ҳам маҳдудияти назарияи кӯҳнаро ифшо сохта, имкон медиҳад, ки мафҳумҳои кӯҳнаро аз нуқтаи назари амиқтаре баҳогузорӣ намояд.Масалан, дар мисоли «механикаи классикӣ – механикаи квантӣ».Робитаи диалектикии назарияи наву кӯҳна дар илм инъикоси ҷамъбастии худро тибқи принсипи мутобиқат пайдо кардааст, ки онро бори аввал ин олим таҳия намудааст.
$A) Н.Бор;
$B) Э.Резерфорд;
$C) А.Эйнштейн;
$D) Х.Крамерс;
$E) Ҷ.Слейтер;

@48.Ҷанбаи муҳими инкишофи муттасил ва идома ёфтани илм он аст, ки идеяҳои воқеӣ бояд аз ҳадди озмоишшудаашон берунтар паҳн карда шаванд.«Мо муаззаф ҳастем, мо ноилоҷ хамаи он чизеро, ки медонем бояд ба соҳаҳои васеътаре, берун аз ҳудуди алаккай маърифат намудаамон, паҳн созем.Ин ягона роҳи прогресс аст.Ҳарчанд ин роҳ норавшан ҳам бошад, танҳо бо ҳамин тариқ  илм метавонад самараноку судбахш гардад», менависад ин физик-назариётчии америкоӣ.Асари ӯ «Характери қонунҳои физикӣ» алаккай соли 1987 ба забони русӣ ба нашр расидааст.
$A) Р.Фейнман;
$B) Ю.Весс;
$C) Ю.Вигнер;
$D) С.Вилани;
$E) К.Вильсон;

@49.Раванди тақсимшавии илм, табдилёбии «нишонаи» донишҳои илмӣ ба илми мустақил ва дар дохили илм ба шохаҳо ҷудо шудани онро бо ҳамин мафҳум ном мебаранд Ин раванд дар ҳадди асри XVII ва XVIII оғоз шудааст.
$A) Верификатсияи илм;
$B) Дифференсиатсияи илм;
$C) Фалсификатсияи илм;
$D) Пролифератсияи илм;
$E) Спетсиализатсияи илм;

@50.Проблемаи мураккаби таҳқиқи кайҳон, масъалаҳои физиологияю генетика, нанатехнологӣ ва ғайра, кӯшиш ва ҳамкории муштараки тахассусҳои мухталифро талаб намуд.Раванди ба ҳам наздик омадан, ворида якдигар шудан, синтези илм, мутаҳҳид шудани методҳои илм ба як маҷмӯаи кулл, суфта шудани сарҳади байни илмҳоро бо ин мафҳум ном мебаранд:
$A) Раванди интегратсия;
$B) Раванди пролифератсия;
$C) Раванди фалсификатсия;
$D) Раванди детерминатсия;
$E) Раванди спетсиализатсия;

@51.Аз нигоҳи ӯ методи илмҳои зикршуда наметавонанд дар назарияи маърифат амал кунанд.Дар раванди омӯзиши пролемаи маърифат Декарт (1596-1650) ба методи илмие ишора мекунад, ки аз методҳои дар физика математика амалкунанда фарқ дорад.Декарт чӣ методро дар назар дорад.
$A) Ба сифати чунин метод дедуксияро пешниҳод мекунад, ки мувофиқи он аз муҳокимаҳои умумӣ ба хулосаҳои ҷузъӣ омадан аст;
$B) Методи индуксияро, ки дар раванди маърифат аз далелҳои (фактҳо) ҷузъӣ ба муқаррароти нисбатан умумӣ, қабл аз ҳама ба аксиомаҳои миҳна омадан аст, ки амали таъсирпазире доранд;
$C) Методи диаелектикӣҳамчун методологияи умумии маърифати илмӣ, ки масъалаҳои шарҳи робитаҳои қуллро ба эътибор мегирад;
$D) Методи эмпирикиро дар назар дорад, ки мушоҳида ва озмоишро фаро гирифта, воқеияти ҳастиро тадқиқменамояд;
$E) Методи метафизикиро дар назар дорад, ки объекту зуҳуротҳоро алоҳида, бидуни робитаи байниҳамдигарӣ статикӣ (беҳаракатӣ) тадқиқнамуда, ягонагию зиддияти онҳоро аз эътибор соқит мекунад;

@52.Аз нигоҳи ӯ методи илмҳои зикршуда наметавонанд дар назарияи маърифат амал кунанд.Нақши ҳалкунандаи ақлро дар маърифат асоснок кард, назарияро дар бораи ҷавҳар, атрибуту модусҳои он пешниҳод намуд, муаллифи назарияи дуализме шуд, ки кӯшиш дошт байни ҷараёнҳои асосии фалсафа оштӣ андозад, назарияро дар бораи методи илмии маърифат ва назарияро дар бораи «идеяҳои фитрӣ» пешниҳод кард.Чунин аст, хидмати дар фалсафа анҷомдодаи ин мутафаккири Замони Нав.Ёбед:
$A) Рене Декарт;
$B) Фрэнсис Бэкон;
$C) Блез Паскал;

$D) Бенедикт Спиноза;
$E) Готфрид Лейбнитс;

@53.Бештаре аз донишҳо бо роҳи маърифат ва дедуксия ба даст оянд ҳам, донишҳое ҳастанд, ки ба ягон далел эҳтиёҷ надоранд.Онҳо аз аввал боэътимод ва яқинанд.Чунин донишҳо ё аксиомаҳо ҳамеша дар хиради Худовандӣ ва хиради инсон мавҷуданд ва аз насл ба насл мегузаранд.Ин аст, моҳияти таълимоти мазкури фалсафаи замони Нав ки ба проблемаи маърифат алоқаманд аст.Ин таълимот бо чӣ мафҳум ифода ёфтааст ва муаллифи он кист?
$A) «Идеяҳои фитрӣ»-и Рене Декарт;
$B) Пантеизми ирфонии Никола Малбранш;
$C) Назарияи дефинитсияи Томас Гоббс;
$D) Идеяи беинтиҳоии воқеӣ (идея актуалёной бесконечности)-и Блез Паскал;
$E) Редуксионализми сенсуалистии Бернардино Телезио;

@54.Муҳимтарин тадқиқотҳои фалсафии Спиноза кадом пролемаҳоро дар бар мегирад.
$A) Проблемаи субстансия (ҷавҳар), назарияи маърифат, пантеизми натуралистӣ, этика, масъалаи муносибати мутақобилаи озодӣ ва зурурат;
$B) Танқиди схоластика, антропосентризм, тараннуми фароѓати инсонӣ, таҳияи манзараи нави олам;
$C) Дар нисбати калисо муқобили назар доштан, назарияи гелиосентризм, проблемаи назарияи давлат, идеяи сохтори ҷомеаи тахаюлӣ, таваҷҷуҳ ба мундариҷаи зуҳуротҳо на ба шакли онҳо;
$D) Гносеологияи антисхоластӣ ва сенсуалистӣ, метафизикаи дуалистӣ, идеяҳои фитрӣ, тасвири механикии олам, идеяҳои диалектикӣ ва детерминизм, масъалаи каромот ва фатализм;
$E) Назарияи иқбол («консепсия фортунӣ»), гуманизми маорифпарварӣ, интиқоди скептикӣ, масъалаҳои санъат ва идеяи ҷомеаи боадолат;

@55.Ҳуқуқи табиӣ–ин ҳуқуқест, ки дар худи табиати инсон гузошта шудааст, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба эътибору иззати нафс, ҳуқуқ ба озодӣ ва ѓайра.Ин ҳуқуқҳо новобаста ба он ки дар қонунҳо навишта шудаанд ё не бояд қатъиян иҷро шаванд.Ҳуқуқи позитивӣ (мусбӣ ё навишташуда) ин ҳамон меъёрҳои рафтор аст, ки аз ҷониби инсон эҷод мешаванд ва дар манбаҳои расмӣ-қонунҳо сабт мегарданд, андеша дорад ӯ.Ин мутафаккир яке аз бунёдгузорони ҳуқуқи табиӣ ва ҳуқуқи байналмиллалӣ эътироф шудааст.
$A) Гуго Гротси;
$B) Томас Гоббс;
$C) Рене Декарт;
$D) Николло Макиавелли;
$E) Жак Маритен;

@56.Моҳияти асосии идеяҳои фалсафии ин мутафаккири Замони Нав дар эмпиризми ӯ аст, ки мувофиқи он дар бунёди маърифат сирф таҷриба меистад.ҳар қадаре, ки инсону инсоният таҷриба (ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ) ѓун мекунад, .бештар ба донишҳои ҳақиқӣ наздик мешавад.К.Маркс ӯро «бунёдгузори ҳақиқии материализми англис ва илми муосири эксперименталӣ» баҳо медиҳад.Ин мутафаккирро маълум созед.
$A) Ф.Бэкон;
$B) Ҷ.Беркли;
$C) Т.Гоббс;
$D) Ҷ.Локк;
$E) Д.Юм;

@57.Ин методро Арасту низ дар «Аналитикаи аввал» бо шакли сеюми силлогизм муқоиса мекунад.Ин метод аз ҷамъ овардани муҳокимаҳои ҷузъию фардӣ ба хулосаҳои умумӣ омаданро дар назар дорад.Ташаккули минбаъдаи назарияи индуксия танҳо дар Замони Нав бо тақозои инкишофи босуръати илм, ки тарзҳои ҷамъ овардан ва воситаҳои ифшои қонунҳои умумиро ба миён гузошт, сурат гирифт.Ва методи асосии маърифатро ин мутафаккири Замони Нав методи индуксия меномад.Ин мутафаккири Замони Навро, ки индуксияро методи асосии маърифат меномад, ном гиред.
$A) Ф.Бэкон;
$B) Т.Гоббс;
$C) Ҷ.Локк;
$D) Р.Декарт;
$E) Б.Спиноза;

@58.Ба сифати муайян кардани методи асосии маърифат- индуксия ин мутафаккири Замони Нав (асрҳои XVII-XVIII) роҳҳои махсуси фаъолияти маърифатиро ном мегирад: «роҳи анкабут»-дониш аз «хиради холис», «роҳи мӯрча»- дониш ба воситаи таҷриба, «роҳи орӯ (занбур)»- ин бартариятҳои «роҳи анкабут» ва «роҳи мӯрча»-ро гирифта, моҳияти дохилии проблемаро сарфаҳм рафтан… Роҳи беҳтарини маърифат эмпиризм аст, ки ба индуксия асос ёфтааст ва истифодаи усулҳои ратсионалии фаҳмиши моҳияти ашёҳо ва зуҳуротҳои хирад бунёди таълимоти фалсафии ин мутафаккир аст.Ӯро зикр кунед.
$A) Ф.Бэкон;
$B) Р.Декарт;
$C) Б.Спиноза;
$D) Т.Гоббс;

$E) Ҷ.Локк;

@59.Дар роҳи ба даст овардани донишҳои ҳақиқӣ сабабҳое ба инсону инсоният монеъ мешаванд, ки онҳоро ин мутафаккири Замони Нав (асрҳои XVII-XVIII) шабаҳ («идол») меномад.Ин сабабҳои монеъшавандаи донишҳои ҳақиқӣ чунинанд.шабаҳи авлодӣ, шабаҳи ғор,шабаҳи бозор,шабаҳи театр.Кӣ чунин ҷузъбандии монеаҳоро дар раванди маърифату дониш ба миён гузоштааст?
$A) Ф.Бэкон;
$B) Р.Декарт;
$C) Т.Гоббс;
$D) Ҷ.Локк;
$E) Ҷ.Беркли;

@60.Ин мутафаккир таҳти чаҳор монеаи роҳи маърифату дониш «шабаҳҳо» («идол»)-ро ном мегирад.Аз нигоҳи ин мутафаккири англиси Замони Нав, сабаби ду шабаҳи аввал-«авлод» ва «ғор» ин гумроҳии модарзодии одамон аст, ки табиати маърифатро бо табиати хеш айният месозанд.«Шабаҳҳои» сеюму чаҳорум «бозор» ва «театр» номида мешаванд, ки онҳо низ сабаб доранд.Сабаби он гумроҳиест, ки инсон онро дар рафти зиндагиаш ба даст меорад.«Шабаҳи бозор»- ин истеъмоли нодурусти аппарати нутқ, баёни калимоту мафҳумҳо, «шабаҳи театр» бошад- ин таъсири фалсафаи мавҷуда ба раванди маърифат аст.Ин мутафаккир муаллифи «Арғунуни нав» («Новый Органон») мебошад, ки ӯро маълум созед.
$A) Ф.Бэкон;
$B) Т.Гоббс;
$C) Б.Спиноза;
$D) Ҷ.Беркли;
$E) Ҷ.Локк;

@61.Табиати инсонро ин мутафаккири Замони Нав дар асари поёнтар зикршудааш чунин шарҳ медиҳад: Инсон аз аввал табиати ҷоҳилона дошта, қувваи ҳаракатдиҳандаи кирдори ӯро фоидаи шахсӣ, худпарастӣ, талабот, ҳавас ва аффектҳо ташкил медиҳад.Сифатҳои зикршуда инсонро ба он тела медиҳад, ки гӯё ӯ ба ҳама чиз ҳуқуқ дорад ва беэътиноӣ ба ҳуқуқҳои дигарон ба «ҷанги ҳама ба муқобили ҳама» меорад.Бо мақсади зинда мондан одамон шартномаи (муоҳидаи) ҷамъиятӣ баста, даъвоҳояшонро маҳдуд ва «ҳуқуқи ҳама ба ҳама чиз»-ро монеъ шуданд.Ба хотири аз байн бурдани «ҷанги ҳама ба муқобили ҳама», пахши эгоизми (худпарастӣ) ифротӣ ва танзими фаъолияти ҳаётии ҷамъият - давлат ба вуҷуд омад.Давлат ин нерӯи даҳшатборест, ки барои истиқрори тартиботу низом ва адолат зарур аст.Муаллифи назарияи «Шартномаи ҷамъиятӣ» ва асари ӯро, ки ин масъалаҳоро ба миён гузоштааст, ном гиред.
$A) Т.Гоббс: «Левиафан»;
$B) Ф.Бэкон: «Атлантидаи Нав»;
$C) Р.Декарт: «Оғози фалсафа»;
$D) Ҷ.Локк: «Ду рисола дар бораи идораи давлат»;
$E) Г.Гротси: «Дар бораи ҳуқуқи ҷанг ва сулҳ»;

@62.Намояндаи идеализми субъективӣ, мутафаккири Замони Нав, муқобили таълимоти Нютон оиди фазо - ҳамчун макони ҷойгиршавии ҷисмҳои табии ва таълимоти Ҷ.Локк оиди пайдоиши мафҳуми материя ва фазо- чун воситаи абстраксия бардоштан аз хосиятҳои объектҳои реалӣ баромад карда, ҳастии материяро инкор намуда, танҳо мавҷудияти ҳастии рӯҳиро эътироф мекунад.Муаллифи «Рисола дар бораи оғози донишҳои инсонӣ» ва «Се муколама байни Гилас ва Филонус» мебошад.Ном гиред.
$A) Ҷ.Беркли;
$B) Д.Юм;
$C) И.Фихте;
$D) Ҷ.Локк;
$E) Т.Гоббс;

@63.Анъанаи эмпиризм ва материализми англисро мутафаккири Замони Нав идома дод.Муқаррароти фалсафии ӯ: олам материалистӣ аст, дар заминаи маърифат метавонад танҳо таҷриба бошад («ҳеҷ чизе дар андешаи (ақли) инсон нест, магар то ин замон дар эҳсоси ӯ набуд»), шуур бинои холиест (empty cabinet), ки дар ҷараёни ҳаёт бо таҷриба пур карда мешавад (дар робита ба ин ибораи машҳури ӯ оиди шуур ҳамчун «тахтаи тоза», ки онҷо таҷриба – tabula rasa, навишта мешавад, маълум аст).Идеали давлат – давлатест, ки бар асоси тақсимоти ҳокимият ба қонунгузорию иҷроия (аз ҷумла ҳокимияти судӣ) ва федеративӣ (берунисиёсӣ) бунёд ёфтааст.Мутафаккир аввалин маротиба идеяи тақсимоти ҳокимиятро боло бардошт, ки хидмати таърихии ӯро таъкид мекунад.Пайдо кунед.
$A) Ҷ.Локк;
$B) Т.Гоббс;
$C) Ф.Бэкон;
$D) Ҷ.Беркли;
$E) Д.Юм;

@64.Беҳтарин ҷамъиятро «ҷамъияти саноатӣ» донист, ки он ҷо одамон танҳо аз рӯи қобилияташон ба зинаҳои иҷтимоӣ боло мешаванд.Аз нигоҳи ӯ ҳуқуқи мерос гузоштан бояд бекор карда шавад, то ин ки имкониятҳои ҳама ба хотири ишғоли мақоми иҷтимоию иқтисодӣ баробар бошад.Дар ин ҷомеа набояд тантанаҳои серхарҷу сермасраф, ки сафи муфтхӯрону тегинхӯронро

меафзояд, барпо шаванд.Ӯҳдадории ҳатмии меҳнат ҷорӣ карда шуда, иқтисодиёт аз рӯи план (нақша) инкишоф ёфта, бисёристеҳсолкунию изофатавлидсозӣ сарфи назар гардад.Ҷомеаи нав бояд бо роҳи эволютсионӣ эҷод шавад, на бо роҳи револютсионӣ (инқилобӣ).Ин намояндагони сотсиализми утопиявии франсавӣ ба сифати бунёди ҷомеа иқтисодиётро шинохта, назарияи детерминизми иқтисодиро пешниҳод кард.Ёбед.
$A) Клод Сен-Симон;
$B) Франсуа Фурёе;
$C) Габриеэл Мабли;
$D) Франсуа Бабеф;
$E) Верас д’Алле;

@65.Системаи Офтобӣ аз туманҳои ҷангӣ пайдо шуд, фарзияи небулярӣ, назарияи сарҳади қобилияти маърифатии инсон ва имкон надоштани маърифат дар роҳи дарки моҳияти дохилии «чизҳои дар худ», таҳияи қонуни ахлоқӣ, назарияи «сулҳи абадӣ», назарияи он ки табиат таърихи худро дорад, ҳаракату оромӣ нисбианд, назарияи биологӣ - эволютсионии мавҷудоти зинда.Ин мутафаккирри, ки дар фалсафа инқилоби коперникӣ ба амал овардааст, ном гиред.
$A) И.Кант;
$B) И.Фихте;
$C) Г.Гегел;
$D) Ф.Шеллинг;
$E) Л.Фейербах;

@66.Фаъолияти шуури инсонро ҳамчун протсессҳои физиологӣ тасвир намуда, дар шарҳи проблемаҳои иҷтимоӣ ба чунин хулоса омаданд, ки сабаби ғуломии колониалӣ (мустамликавӣ) гуё шароитҳои табиии ҳастанд, ки маҳсулотҳои номувофиқи ғизоӣ истеҳсол мекунанд ва ин ғизою хӯрок ба ташаккули фаъолонаю озодонаи аҳолии мустамликаҳо монеа мегардад.Ибораи машҳури онҳо: «Мағзи сари инсон фикрҳоро ҷудо мекунад, мисли он ки ҷигар зардаро».Онҳоро пайдо кунед.
$A) Материализми вулгарии Бюхнер, Фохт, Моллешот;
$B) Материализми антропологии Л.Фейербах, Чернишевский;
$C) Идеализми «физикии» Паули;
$D) Материализми метафизикӣ ва позитивизми Е.Дюринг;
$E) Назарияи рефлексияҳои шартии И.П.Павлов;

@67.Донишро ҳамчун натиҷаи фаъолияти маърифатӣ классификатсия намуда, ин мутафаккир дар асараш «Танқиди хиради холис», се мафҳумро ном мебарад.Муаллифи китоб ва мафҳумҳои ном гирифтаи ӯро зикр кунед.
$A) И.Кант: донишҳои апостериорӣ, донишҳои априорӣ, «чизҳои дар худ»;
$B) Г.Лейбнитс: монадаҳо, модусҳои нави силлогизм, принсипи баргузории эквивалентҳо;
$C) Ҷ.Локк: сифатҳои аввал, шуур «тахтаи тоза», идеяи модусҳо;
$D) Г.Гегел: тезис, антитезис, синтез;
$E) Д.Юм: идроки аввал, назарияи репрезентативии (фарзияи аз худ чизеро гузоштан) абстраксияҳо, ассосианизм-таълимот дар бораи сабабҳо;

@68.Ин ҳамон донишҳоеянд, ки дар классификатсияи маърифатии И.Кант («Танқиди хиради холис»), инсон дар натиҷаи таҷриба ба даст меорад.Донишҳои мазкур метавонанд танҳо тахминӣ бошанд, на муътамад.Зеро ки ҳама ҳукмҳои аз таҷриба гирифта шуда, бояд дар амалия санҷида шаванд ва на ҳамеша чунин донишҳо ҳақиқианд.Ин кадом донишҳост.
$A) Донишҳои апостериорӣ;
$B) Донишҳои априорӣ;
$C) «Чизҳои дар худ»;
$D) Донишҳои субъекти трансценденталӣ;
$E) Антиномияҳо;

@69.Ин донишҳо (мафҳуми лотинӣ буда, «аз гузашта ё муқаддам» тарҷума мешавад) донишҳои тотаҷрибавӣ буда, аз аввал дар хирад вуҷуд доранд ва санҷиши таҷрибавиро талаб намекунанд.Дар таърихи фалсафа ин мафҳум ба таълимоти идеяҳои фитрӣ робита дорад, зеро ки эътирофи он мавҷудияти донишҳои ғайритаҷрибавиро дар назар хоҳад дошт.Ин истилоҳ аз ҷониби И.Кант дар «Танқиди хиради холис» тадқиқ шудааст ва аз «идеяҳои фитрӣ» бо он фарқ мекунанд, ки танҳо фарогири шакл, на мундариҷаанд ва дар интеллекти инсон новобаста ба таҷрибае ҷойгиранд.Ин донишҳои ба «идеяҳои фитрӣ» наздик, вале берун аз таҷрибаро И.Кант чӣ меномад?
$A) Донишҳои априорӣ;
$B) Донишҳои субъекти трансценденталӣ;
$C) Донишҳои апостериорӣ;
$D) «Чизҳои дар худ»;
$E) Антиномияҳо;

@70.Моҳияти дохилии чизҳост, ки ҳеҷ гоҳе хирад онро маърифат нахоҳад кард.Хиради инсонӣ метавонад образҳои ниҳоят зиёди предметҳо ва зуҳуротҳои олами муҳитро (ки бо ҳамин мафҳум ифода меёбанд) маърифат созад, вале моҳияти дохилии онро ҳеҷ гоҳ нахоҳад фаҳмид.Кант маърифати назариявии зуҳуротҳоро таъкид менамояд, вале донисташавандагии «мафҳуми зикршударо» қобили маърифат намешуморад.Онро нишон диҳед.
$A) «Чизҳои дар худ»;

$B) Антиномияҳо;
$C) Субъекти Трансенденталӣ;
$D) «Форономия»;
$E) «Императиви категориявӣ» («Амри ҳидоятбахшанда»);

@71.Аз нигоҳи Гегел Ттабиат чӣ тавр шарҳ дода мешавад?
$A) Табиат (муҳити атроф) ҳамчун идеяи ғайригаштаю бегонашуда («инобытие») ё ин ки антитезиси идея, шакли дигари мавҷудияти идея;
$B) Табиат ин тамоми олами атроф (аз ҷумла инсон ва ҷамъият), яъне Олам;
$C) Табиат аз нигоҳи Гегел ҳамон муҳите, ки ҳаёти инсон ва ҷамъият ҷараён дорад;
$D) Табиат ин қабати болоии Замин бо тамоми ҷиҳатҳою хосиятҳои сифаташ, аз қабили иқлим, канданиҳои фоиданок ва ғайра;
$E) Табиат - ин қабл аз ҳама табиати аввал, яъне ҳамон ҳиссаи табиат, ки ҳоло инсон дигаргун насохтааст.Сипас: табиати дуюм, яъне ҳамон ҳиссаи табиат, ки инсоният дигаргун сохта, ба доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид намудааст;

@72.Дар низоми «фалсафаи рӯҳи»-и Гегел, яке аз зинаҳои рӯҳи буда, «рӯҳи ҷамъият куллан» дар назар дошта шудааст ва ифодаи объектҳои рӯҳи нав - ҳуқуқ аст.Ҳуқуқ аз азал ҳамчун идея мавҷуд буда, тартиби муносибати муштараку якҷояи одамон мебошад, ҳуқуқ ҳамчун идеяи татбиқшудаи озодист.Дар баробари ҳуқуқ-ахлоқ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлат низ ифодаи ҳамин зинаи зикршудаи рӯҳ дар низоми «фалсафаи рӯҳ»-и Гегел мебошад.Пайдо кунед.
$A) Рӯҳи объективӣ;
$B) Рӯҳи субъективӣ;
$C) Хиради ҷаҳонӣ;
$D) Рӯҳи мутлақ;
$E) Идеяи мутлақ;

@73.Мафҳуми материяро дуруғ ҳисобида, материализмро ҷараёни сарбаста дар философия эълон дошта, намояндагони идеализми субъективии англис (асри XVIII) ягона воқеияти маълумро шуури инсон донистаанд.Воқеан, яке аз намояндагони идеализми субъективии англис, ки майл ба сӯи  агноститсизм дорад, инсонро аз ду оғози идеалӣ.«таассуроти таҷрибаи зоҳир» (аз худ кардани дониш ва таҷриба) ва «таассуроти таҷрибаи ботин» (ҳаяҷон, аффект) иборат медонад.Ном баред.
$A) Ҷ.Беркли, Д.Юм;
$B) Р.Филмер, Ҷ.Бремхолл;
$C) Ҷ.Освалд, Д.Стюарт;
$D) М.Тиндал, Т.Вулстон;
$E) Р.Гревилл, Т.Мор;

@74.Дар инкишофи худ позитивизм чанд марҳиларо аз сар гузаронидааст?
$A) Чор марҳила: позитивизми классикӣ, махизм, неопозитивизм, постпозитивизм;
$B) Се марҳила: позитивизми классикӣ, мактаби Лвов-Варшава, «Маҳфили Вена»;
$C) Ду марҳила: позитивизми аввал, махизм;
$D) Чор марҳила: позитивизми О.Конт, эмпириокрититсизм, фалсафаи таҳлили забони илм (Б.Рассел, Л.Витгенштейн), «Маҳфили Вена»;
$E) Чор марҳила: позитивизми классикӣ, назарияи Г.Спенсер, махизм, марҳилаи мактаби Лвов-Варшава (А.Тарский, Я.Лукасевич);

@75.Фалсафа бояд ҳам аз материализм ва ҳам аз идеализм даст кашида бо донишҳои позитивӣ (илмӣ) такя намояд.Аз нқтаи назари бунёдгузри позитивизм мубоҳисаи байни материализм ва идеализм ягон асоси ҷиддӣ надорад ва бемаъно аст.Фалсафа набояд ба хотири «шоҳи илмҳо» ё фавқулилм кӯшиш кунад, балки фалсафа илми мушаххасе бошад, ки танҳо ба воситаю методҳои илмӣ тадқиқотҳои хешро пеш бурда, мақоми худро дар байни дигар илмҳо ишғол кунад.Ин мутафаккир қонуни эволютсияи духела – интеллектуалию техникиро пешниҳод намуд.Ӯро ном гиред.
$A) О.Конт;
$B) Г.Спенсер;
$C) Э.Мах;
$D) Б.Рассел;
$E) Л.Витгенштейн;

@76.Намояндагони ҷараёни кантчигии нав ба идеяи асосии И.Кант оиди шаклҳои априори маърифат, ки функсияи таркибии таҷрибаро иҷро мекарданд, такя доштанд.Тадқиқи таркиб ва имкониятҳои маърифати илмие, ки И.Кант анҷом дод, дар робита ба инкишофи табиатшиносӣ ва илмҳои гуманитарӣ боиси эҷоди ҷараёни фалсафие шуд, ки онро кантчигии нав меноманд.Кадом мактабҳои фалсафӣ кантчигии навро асосан муаррифӣ карданд.
$A) Мактаби Марбург: Г.Коген, П.Наторп, Э.Кассирер, мактаби Баден: В.Винделбанд, Г.Риккерт;
$B) Марҳилаи аввали пайдоиши кантчигии нав: Либман, Ф.Ланге, Гелмголс;
$C) Самти физиологии кантчигии нав;
$D) Самти психологии кантчигии нав: Корнемиус, Нелсон;
$E) Самти реалистии кантчигии нав: Рилл, Кюлпе;

@77.Асари ӯ «Илм дар бораи табиат ва илм дар бораи фарҳанг» ном дорад.Намояндаи яке аз мактабҳои кантчигии нав буда, дар робита ба раванди маърифати куллию фардӣ ду методи маърифатро зикр мекунад.Якум: методи генерализатсионӣ (таҷаммуъкунанда), ки бештар дар омӯзиши табиат истифода мешавад.Дуюм: методи индивидуализатсионӣ (инфиродӣ), ки дар илмҳои соҳаи фарҳанг истифода мегардад.Методи аввал.таваҷҷӯҳ ба куллияту қонуният, методи дуюм.таваҷҷӯҳ ба инфародияту нотакрорӣ.Ин намояндаи ҷараёни кантчигии навро ном гиред.
$A) Мактаби Баден: Г.Риккерт;
$B) Мактаби Марбург: П.Наторп;
$C) Самти психологии кантчигии нав: Нелсон;
$D) Самти реалистии кантчигии нав: Кюлпе;
$E) Мактаби Баден: В.Винделбанд;

@78.Охири асри XIX дар эҷодиёти файласуфони америкоӣ таҳия шуда, яке аз ҷараёноҳи фалсафаи муосир буда, ҳадафи асосии фалсафаро на дарёфти ҳақиқати абстрактӣ дар омӯзиши масъалаҳои фалсафӣ, балки коркарди маҷми воситаҳои (арсенали) мушаххасе медонад, ки ба одамон дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси ҳаётиашон ёрӣ расонад.«ҳақиқат аз судмандии ояндаи мақсадҳои мо иборат аст», мегӯяд яке аз намояндагони ин ҷараён.Ба хотир биёред, ки ин кадом ҷараён аст.
$A) Прагматизм;
$B) Позитивизм;
$C) Экзистенсиализм;
$D) Структурализм;
$E) Инструментализм;

@79.Ҳамчун ҷараёни махсуси фалсафӣ прагматизмро кӣ муаррифӣ мекунад?
$A) Ч.Пирс, У.Ҷеймс, саҳми махсусро дар таҳияи баъдинаи прагматизм Ҷон Дюи гузоштааст;
$B) К.Л.Строс, Ж.Лаван ва файласуфи америкоӣ Ч.Пирс;
$C) Файласуфи америкоӣ У.Ҷеймс ва мутафаккирони немис М.Хейдеггер, Г.Плеснер;
$D) Ж.Лиотар, Р.Рорти ва саҳми махсусро дар ташаккули прагматизм Ч.Пирс гузоштааст;
$E) Г.Кэлен, Хук, К.И.Люис дар прагматизми америкоӣ ва Поппер, Гадамер дар фалсафаи прагматистии аврупоӣ нақш гузоштаанд;

@80.Назарияи реконструксияи иҷтимоӣ, дар роҳи такомули таҷриба эҷод гашт, ки яке аз самтҳои фалсафаи прагматизм аст.Реконструксияи иҷтимоӣ (азнавсозии сохтори иҷтимоӣ) чунин муносибати моликиятиро дар назар дорад, ки бояд шумораи зиёди одамон соҳиби моликият бошанд.Муаллифи ин назария президенти ассосиатсияи файласуфону равоншиносони ИМА, президенти аввалини ассосиатсияи профессорони донишгоҳҳои америкоӣ буд, ки осори гуногунмавзуъ ва сершумори ӯ ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шудаанд.Ӯро ном гиред.
$A) Ҷ.Дюи;
$B) Ч.Пирс;
$C) У.Ҷеймс;
$D) Г.Кэллен;
$E) К.И.Люис;

@81.Ду тарҳи психикаро ин мутафаккир ҷудо мекунад: топографӣ- бешуурӣ ҳамчун ҳолати интизории андешаю эҳсоси инсон, ки ба шуур зад медароянд, дуюм: динамикӣ- психика аз маҷмуи «Вай», «Ман», «Фавқул - Ман», ки мутобиқан аз олами бешуурӣ, шури инсон ва воқеияти берун иборат аст.Маҷмуи «Вай», «Ман», «Фавқул - Ман» тарҳи динамикии низоми психика аст.Ин низоми психикаро кадоме аз намояндагони ҷараёни психоанализ пешниҳод намудааст.
$A) З.Фрейд;
$B) Г.Юнг;
$C) А.Адлер;
$D) Э.Фромм;
$E) Г.Салливан;

@82.Бо номи бунёдгузори ҳамин ҷараён маълум аст ва идеяи асосии ин ҷараён он аст, ки таҷрибаи танқидро ба сифати асоси фалсафа медонад.Ин ҷараёни фалсафиест, ки онро «шакли дуюми позитивизм» ё «амвоҷи дуюми позитивизм» меноманд.Ва бо ҳамин сабаб ҷараёни мазкур номи дигаре эмпириокрититсизмро дорад.Ин ҷараён бо номи кӣ алоқаманд аст?
$A) Э.Мах;
$B) Г.Спенсер;
$C) О.Конт;
$D) М.Шлик;
$E) Г.Рейенбах;

@83.Неопозитивизм маъруфтарин ва паҳншудатарин ҷараёни позитивизм аст, ки намояндагони асосиашро ном гиред.
$A) Файласуфони «Маҳфили Вена»: М.Шлик, Р.Карнап, О.Нейрат, Г.Рейенбах, намояндагони мактаби Лвов-Варшава: А.Тарский, Я.Кукасевич, файласуфон Б.Рассел, Л.Витгенштейн;
$B) Файласуфони мактаб Марбург.Г.Коген: П.Наторп, Э.Кассирер, Мактаби Оксфорд: Райл, Остин, П.Остроусов;
$C) Фалсафаи физикҳои астрономии англис: Ҷ.Инс, А.Эддингтон, Г.Дингл, фалсафаи позитивизми мантиқӣ;

$D) Фалсафаи панвитализми А.Н.Уайтхед, идеализми семантикии мактаби А.Кожибский, натурализми У.Мак-Дугалл ва Прайс дар фалсафаю психологияи англис, философҳо Б.Рассел, Л.Витгенштейн;
$E) Файласуфони «ҷамъияти фалсафаи эмпирикӣ».Ф.Краус, В.Дубислав, К.Греллинг, фалсафаи иммanентии Шулле, Шуберт-Золдерн, Ремке, файласуфони «мунақидони маданият»: Лита, Шпрангер, А.Вебер, Ротхакер, Трёлч;

@84.Дар «Сарсухан» ба «Таърихи фалсафаи Ғарб» (1945) фалсафаро «Замини бесоҳиб» меномад.ҳамчун философ ва мутахассиси мантиқи шаклӣ имкониятҳои забони табииро маҳдуд мешуморад.натиҷаи тадқиқотҳои мантиқию математикаии худро аз мавқеи позитивизм шарҳ дода, хулосаҳои «аз ҳад зиёд субъективии» «Маҳфили Вена»-ро ислоҳ карданӣ мешавад.Андешаи он ки проблемаҳои анъанавии фалсафа мавзуъҳои ботил ҳастанд, танқид мекунад.Дар асари «Маърифати инсонӣ.Доираи масъалаҳо ва ҳадди он» 5 талаботи методи илмии маърифати «оламии ҷисмонӣ»-ро таҳия менамояд, ки аз нигоҳи ӯ шарти пешакию ҳақиқии натиҷагириҳои индуктивӣ аст, ки дар ҳамин шакл маърифат амалӣ мегардад.Дар баробари Д.Мур бунёдгузори фалсафаи таҳлилӣ аст.Ин мутафаккирро маълум созед.(Воқеан, ӯ лауреати мукофоти нобелӣ аст).
$A) Б.Рассел;
$B) К.Гемпел;
$C) Л.Руже;
$D) Й.Йоргенсен;
$E) Э.Кайла;

@85.Шароитҳои таҳия ва эҷоди чунин забони сунъиеро тадқиқ мекунад, ки ҳамчун забони мукаммали мантиқӣ аз навоқиси забони маъмулӣ бояд озод бошад.«ҳадафи фалсафа - на баъзе шумораи «тасаввуротҳои фалсафӣ», балки шарҳ додани афкори пешниҳодшуда аст.Воқеан, ӯ дар ҷавонӣ машинаи хайётӣ (дарздузӣ)ихтироъ кард, ки то ҳоло низ бунёди машинаҳои нави ҳайётӣ аст.Ӯ файласуф ва мантиқшиноси австриягӣ (профессори университети Кембрич,аз соли 1929 то соли 1947 дар Англия зиндагӣ кардааст) аз мавқеи таҳлили мантиқии математикӣ ба принсипи позитивизми мантиқӣ ру меорад.Ӯро маълум созед.
$A) Л.Витгенштейн;
$B) М.Шлик;
$C) А.Тарский;
$D) Г.Рейенбах;
$E) Р.Карнап;

@86.Ин марҳилаи (ё «амвоҷи») позитивизм нисбат ба назарияи маърифат назари муътадил дошта, байни назарияи ҳақиқӣ ва верификатсияи (муқоисаи) он зиддият ва вобастагии ҳатмӣ намебинад.Ин марҳилаи позитивизм аз эътирофи бартарияти тадқиқоти мантиқии символҳо (рамзҳои забон, аппарати илмӣ) дур шуда, ба таърихи илм рӯ меорад.Мақсади муҳими ин марҳила («амвоҷ» ҳам мегӯянд) на тадқиқи таркибу сохтори донишҳои илмӣ, аз қабили забон ва мафҳумҳо, балки тадқиқи инкишофи донишҳои илмӣ аст.Намояндагони ин марҳила арз мекунанд, ки набояд аз фалсафа проблемаҳои верификатсиянашударо берун сохт.Ин марҳилаи («амвоҷи») позитивизмро муайян кунед.
$A) Постпозитивизм;
$B) Неопозитивизм;
$C) Махизм-шакли дуюми позитивизм;
$D) Позитивизми классикӣ;
$E) Позитивизми «Маҳфили Вена»;

@87.Намояндагони асосии постпозитивизмро ном гиред.
$A) К.Поппер, Т.Кун;
$B) Б.Рассел, Л.Витгенштейн;
$C) А.Тарский, Я.Кукасевич;
$D) М.Шлик, Р.Карнап;
$E) О.Нейрат, Рейенбах;

@88.Дар консепсияи «ратсионализми танқидӣ» ӯ проблемаи демаркатсияи (маҳдудсозии) донишҳои илмӣ ва ғайриилмиро, яъне илмҳои таҷрибавӣ аз як тараф, математика, мантиқ ва философияро аз тарафи дигар гузошт.Меъёри маҳдудсозии ӯ бо принсипи фалсификатсияшудан (ботил шудан) баён мегардад, ки мувофиқи он назарияи илмии ҳақиқӣ бояд барои фалсификатсия-бо истинод ба далелҳои таҷрибавӣ, ки муқобили назарияи мазкуранд, кушода бошад., таъкид мекунад, ки агар фактҳо ҷанбаи назариявӣ надошта бошанд, чунин фактҳо кафолат ё бунёди нуқтаи назаре нахоҳанд шуд.Эксперимент амали ба нақша гирифташудаест, ки ҳар кадоми онро назария роҳбаладӣ мекунад.Назарияҳои эҷоднамудаи инсон метавонад ба ин фактҳои воқеӣ муқобил бароянд ва дар таҳқиқи ҳақиқат лозим меояд, ки назарияҳоро бо фактҳо мутобиқ созем ё ин ки аз ин назарияҳо даст кашем.Идеяҳои асосии постпозитивизмро ӯ пешниҳод кардааст.Муаллифи асари «Донишҳои объективӣ.Муносибати эволютсионӣ» аст, ки он соли 2002 ба забони русӣ ба нашр расидааст.Ӯро ном гиред.
$A) К.Поппер;
$B) Т.Кун;
$C) И.Лакатос;
$D) П.Фейерабенд;
$E) Л.Витгенштейн;

@89.Ин мутафаккир дар ҷавонӣ марксист буд, сипас аз он даст кашида, ақидаҳои инқилобии Маркср о танқид кунад ҳам, таълимоти илмии Марксро эътироф менамояд.Инкишофи диалектикии оламро ба шубҳа мегузорад.Ҷараёни ташаккули сегонаи

(триадаи) диалектикиро (тезис, антитезис, синтез) дар алоқамандӣ надида, менависад, ки набояд чунин фикр кард, ки маҳз «мубориза» байни тезис ва антитезис синтезро «эҷод» мекунад.Дар мавзуи «Диалектика чист?» соли 1937 дар семинарии коллеҷи университети Кентерберий (Зеландияи Нав) ин андешаҳоро баён карда буд.Намояндаи яке аз «амвоҷи» позитивизм аст.Зикр намоед.
$A) К.Поппер;
$B) Б.Рассел;
$C) Л.Витгенштейн;
$D) И.Лакатос;
$E) П.Фейерабенд;

@90.Парадигма маҷмуи ҳукмҳою баҳогузориҳо, методҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибаёфтаи илмианд, ки аз ҷониби гурӯҳи олимон бешубҳа ва гуногунназарӣ қабул мегарданд.Парадигма он чизест, ки аввалан ҷамъи олимонро муттаҳид месозад ва ин иттиҳодияи олимон парадигмаи мазкурро эътироф доранд.Муаллифи ин мафҳумро ном гиред, намояндаи шинохтаи фалсафаи Ғарби муосир аст.
$A) Т.Кун;
$B) И.Лакатос;
$C) К.Поппер;
$D) Фейерабенд;
$E) Б.Рассел;

@91.Мувофиқи консепсияи у донишҳои илмӣ вобаста ба марҳилаҳои мушаххас инкишоф меёбанд.Дар марҳилаи «илми муътадил» олимон аз руи парадигмаҳои муайян амал мекунанд.Мафҳуми матритсаи дистсиплинариро (калимаи лотинӣ-тарбия ва таълим) ҷорӣ кард, ки узвияти олимонро ба дистсиплина ва системаи қоидаҳои муайяни фаъолияти илмӣ тавзеҳ медиҳад.Ин давраи инкишофи ороми илм аст.Таҳти таъсири аномалий (калимаи юнонӣ-дур шудан аз меъёру ҳудуд), яъне проблемаҳое, ки дар доираи парадигмаи мазкур ҳалли худро намеёбанд, «инқилоби илмӣ» ба амал меояд, ки дар рафти он парадигмаҳои нав ва рақобатнок таҳия мегардад.Пирӯзии яке аз онҳо ба марҳилаи нав-«илми муътадил» меоварад.Муаллифи ин консепсия, намояндаи шинохтаи постпозитивизм аст.Ӯро ном гиред.
$A) Т.Кун;
$B) У.Куайн;
$C) А.Уайтхед;
$D) К.Поппер;
$E) Р.Карнап;

@92.Ба андешаи ӯ баъзе аз барномаҳои бузурги илмию тадқиқотӣ дар заминаи тазоди он пеш рафта, консепсияҳои методологӣ низ дар раванди мухолифату рақобат ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд.Ин намояндаи шинохтаи «мактаби таърихӣ», пешниҳод намуд, ки ин программа эвристикаи «позитивӣ» (эврика-калимаи юнонӣ.санъати пайдо карда позитивӣ, яъне мусбӣ) ва «негативӣ» (манфӣ)-ро дар худ касб мекунад.Агар эвристикаи якум роҳҳои перспективии тадқиқотиро муайян созад, эвристикаи дуюм аз майлонҳои сарбаст огоҳ месозад.Аз нигоҳи ӯ протссеси ташаккули моделҳои ибтидоии назариявӣ ба программаи сегона.эмпирикӣ, индуктивӣ ва системаи Евклид (барномаи Уқлидус) такя мекунад.Ин намояндаи «мактаби таърихӣ»-ро зикр кунед.
$A) И.Лакатос;
$B) П.Фейрабенд;
$C) Т.Кун;
$D) К.Ясперс;
$E) А.Камю;

@93.Аз нигоҳи ӯ ҳамаи шаклҳои дониш бояд ба принсипи пролифератсия (зиёдшавӣ, вусъатёбӣ) тобеъ бошад ва дастгирии ҷомеаро баҳраманд шавад.Ҳар як назария мавқеи муаллифе, ки онро эҷод кардааст, ифода мекунад.Бартарии ин консепсияҳоро муқоиса карда намешавад, чунки ҳар кадоме аз онҳо ба забони махсуси худ аз бартарияти хеш ҳарф мекунанд.Ин мутафаккири замони муосир ба хулосае меояд, ки набояд илм ва таърихи он мухтасар тасвир шуда, онро якранг ва бенаво созад.Баръакс, бояд таърихи илм, идеяҳои илмӣ ва тафаккури эҷодкунандагони он ҳамчун раванди диалектикӣ-мураккаб, бенизом, пур аз иштибоҳу ихтилоф тасвир шавад, на раванди ростхатаю бетағйир.Оиди тағйири яктарафаи муҳити иҷтимоию иқтисодӣ ҳарф зада, зарурати ба эътибор гирифтани сохтори мафҳумҳо, анъанаҳои дохилии назарияҳои илмӣ (омили консептуалӣ)-ро таъкид мезананд.Ин хулосаҳои файласуф, намояндаи «мактаби таърихӣ» аст, ки ӯро нишон диҳед.
$A) П.Фейерабенд;
$B) Т.Кун;
$C) И.Лакатос;
$D) М.Уайт;
$E) Ҷ.Уисд;

@94.Ин мутафаккир «философияи позитиви»-и худро як шакли нави теология меҳисобад, ки «худованди» он Инсоният аст.Ва ин дини нав таълими парастиши инсоният аст, ки вориди Троитсаи (сегонаи) нави бофтаи уст: «Мавҷуди Бузург» (инсон), «Муҳити Бузург» (кайҳон) ва «Фетиши Бузург» (Замин) мебошад.Ин мутафаккир таъкид мекунад, ки донишҳои фалсафӣ аниқ ва боэътимод бошанд ва барои ба даст овардани ин донишҳо бояд методи маърифати илмӣ истифода гардад ва ба дастовардҳои илмҳои дигар низ такя карда шавад.Ӯ қонуни эволютсияи дугонаро-интеллектуалӣ ва механикиро пешниҳод мекунад.Дар ҳамин

робита се марҳилаи инкишофи интеллектуалӣ ва се марҳилаи инкишофи техникиро ном мебарад.Марҳилаҳои инкишофи интеллектуалӣ ва техникӣ бо ҳам мувофиқат доранд: Теологӣ-ҷомеаи анъанавӣ, метафизикӣ- ҷомеаи тоиндустриалӣ, позитивӣ (илмӣ)-ҷомеаи индустриалӣ.Ин файласуфро, ки асосгузори яке аз ҷараёнҳои фалсафӣ аст, ном гиред.
$A) О.Конт;
$B) Г.Спенсер;
$C) Э.Мах;
$D) Б.Рассел;
$E) Л.Витгенштейн;

@95.Аз нуқтаи назари ӯ ҳамаи таълимотҳои фалсафии дар замони ӯ вуҷуддошта ба талаботҳои қотеъонаи илм ҷавобгӯ нестанд ва намунаи илмиятро дар илмҳои мавҷуда оиди табиату ҷамъият мебинад.Фалсафаи асил ҳамчун зуҳури транссенденталӣ дар муқоиса бо илмҳои фактуалӣ оиди фактҳо (рӯйдоду амри воқеъӣ) набуда, балки илм дар бораи моҳиятҳост.Бунёдгузори яке аз ҷараёнҳои асосии фалсафаи муосири Ғарб мебошад, ки проблемаи фалсафаро ҳамчун илми қатъию дақиқ ба миён мегузорад.Яке аз асарҳои ӯ («Философия как строгая наука» М., 1995) ба забони русӣ нашр шудааст.ӯро ва ҷараёне, ки ӯ буёд гузоштааст, маълум созед.
$A) Э.Гуссерл: феноменология;
$B) Г.Гадамер: Герменевтика;
$C) Теяр де Шарден: теярдизм;
$D) Ҷ.Дюи: инструментализм;
$E) У.Ҷеймс: прагматизм;

@96.Намояндаи мактаби навкантчигии Баден буда, аксари осори фундаменталиаш ҳанӯз ибтидои асри XX ба забони русӣ нашр шуда буданд.Дар асари соли 1911 навиштааш «Илм дар бораи табиат ва илм дар бораи ҷамъият» чунин менависад.«Мо метавонем ба таври абстрактӣ ду намуди фаъолияти эмпирикии илмро фарқ гузорем.Аз як тараф илм дар бораи табиат аз тарафи дигар, илмҳои таърихӣ оиди фарҳанг меистад.Илмҳои зикршуда, объектҳоеро меомузанд, ки ба арзишҳои умумитарини фарҳангӣ дохил мешаванд.ҳамчун илмҳои таърихӣ инкишофи фардии онҳоро бо хусусиятҳо ва инфародияташон тасвир месозанд».
$A) Г.Риккерт;
$B) В.Винделбанд;
$C) Р.Кронер;
$D) Э.Ласк;
$E) Г.Мейер;

@97.Мутафаккироне, ки марбут ба ҷараёни феноменология буда, методҳои феноменологиро пазируфтанд, ном гиред.
$A) Э.Гуссерл, М.Мерло-Понти, Н.Гартман, Х.Субири, Г.Шпет, М.К.Мамардашвили;
$B) Г.Коген, П.Наторп, Э.Гуссерл, Х.Субири, Г.Риккерт, Г.Марсел;
$C) Н.А.Бердяев, Л.Шестов, В.Винделбанд, Г.Шпет, Г.Риккерт;
$D) П.Рикер, Ж.Делез, Ж.Лаван, М.Морло-Понти, М.Фуко;
$E) Ж.Деррида, Р.Рорти, Э.Гуссерл, Ж.Лиотар, Н.Гартман;

@98.Назария ва амалияи шарҳ додан, фаҳмонидан ва тавзеҳи матнҳоро тадқиқ мекунад.Предмети тадқиқот чун қоидаи матнҳо аст.Ба мафҳуми фундаменталии ин ҷараён робитаи мутақобилаи байни муаллифи матн, худи матн ва мутолиакунанда дохил аст, ки маърифат онҷо характери давродаврӣ (сикли) дорад. Ин ҷараёни фалсафаи муосир аз истилоҳи юнонӣ манша гирифта, маънои шарҳ медиҳам, мефаҳмонамро дорад.Ин ҷараёнро ёбед.
$A) Герменевтика;
$B) Консепсияи семантикии ҳақиқат;
$C) Назарияи илмии семиотика;
$D) Ҷараёни бадеӣ;фалсафию эстетикии символизм;
$E) Лингвистикаи дескриптивию этнолингвистикаи америкоӣ;

@99.Ба қатори файласуфон-герменевтҳои асри XIX ва замони муосир метавон ин мутафаккиронро дохил намуд.
$A) Ф.Шлейермахер, М.Хейдеггер, Г.Гадамер, П.Рикер;
$B) Э.Гуссерл, Г.Гадамер, К.Л.Строс, Ж.Деррида;
$C) Г.Риккерт, Э.Кассирер, Ф.Шлейермахер, М.Бубер;
$D) Г.Гадамер, Ж.Маритен, Э.Муне, Н.Лосский;
$E) Ф.Шлейермахер, М.Бахтин, Э.Гуссерл, Э.Жилсон;

@100.Инсон ҳастии худро дар олам шарҳу тафсир медиҳад ва тавзеҳи мазкур ин фаҳмиши маънои ҳаёт ва ҷои инсон дар олам аст.Нуқтаи назари барвақтаи ин мутафаккир ҳам гермевтика ва ҳам экзистенсиализмро фаро гирифта, ба ҷанбаи ҳастии (онтологии) герменевтика, на маърифатии он бахшида шудааст.Ҳастии инсонӣ аз нигоҳи ӯ аз аввал герменавтикӣ буда, ба фаҳмидашавандагӣ асос ёфтааст.Асари машҳури ӯ («Бытие и время», М., 1993) ба забони русӣ нашр шудааст.Ӯро ном гиред.
$A) М.Хейдеггер;
$B) Ф.Шлейермахер;
$C) Г.Гадамер;
$D) П.Рикер;

$E) Ж.Деридда;

@101.Аз нигоҳи ӯ фаҳмиш ҳамчун тарзи универсалии ҳастии инсонӣ арзёбӣ мегардад.Инсон ба зарурияти фаҳмидани худ, фаҳмидани каси дигаре, фаҳмидани ҳодисоти гузаштаистода, фаҳмиши таърих, фаҳмиши санъат рӯ ба рӯ меояд.Ҳастии инсонро аз ин нуқтаи назар метавон фаҳмидан номид.Илми герменевтикаро тавсиф дода, зарурати ба эътибор гирифтани ақидаҳои зидду ихтилофнокро таъкид намуда дар асараш «Воқеияти зебой» («Актуальность прекрасного», М., 1991) менависад.«Ҳақиқати герменевтика чунин аст.ҳақиқатро танҳо як нафар наметавонад дарк кунад ё ин ки хабар диҳад.Ин мутафаккир ҳамсоли пурраи асри XX, солҳои 1900-2002 зиндагӣ кардааст.Ӯро маълум кунед.
$A) Г.Гадамер;
$B) Ж.Делез;
$C) Р.Рорти;
$D) П.Рикер;
$E) М.Хайдеггер;

@102.Шахс эҷодкори тамаддуни инсонист.ҳадафи фалсафа- таҳияи методи фаҳмиши субъективияти инсонӣ буда, дар таълимоти ин намояндаи герменевтика мафҳуми марказии фалсафа-шахс аст.ӯ ба сифати методи мазкур «регрессиви-прогресивӣ»-ро пешниҳод мекунад, ки моҳияти он фаҳмидани инсон тавассути се ченак – гузашта, имрӯза ва оянда ном гиред.
Ин мутафаккирро ном гиред.
$A) М.Хейдеггер;
$B) Ж.Деррида;
$C) П.Рикер;
$D) Ф.Шлейермахер;
$E) Г.Гадамер;

@103.Структуралистонро муқаррароти умумии методологӣ, оиди қабули таҳлили структурӣ ба сифати методи пешбарандаю тадқиқотӣ бо ҳам муттаҳид сохта буд.Структурализми фалсафӣ- ҷараёнест дар афкори фалсафӣ, ки солҳои 60-уми асри XX, асосан дар Франсия паҳн шуд.Структуралистон чунин меҳисобиданд, ки маърифати илмии иҷтимоию гуманитарӣ бояд ба методҳои илмҳои табиатшиносӣ ва илмҳои дақиқ такя кунад, зеро ки маорифи фарҳангӣ низ ҳамчун айнияти объекти табиӣ арзёбӣ мегардад.Хусусияти объекти фарҳангӣ он аст, ки структураи (сохтори) амиқеро соҳиб буда, натиҷаи эҷоди бошуури коллектив ва бунёди ин ё он системаи ишоратию символӣ (рамзӣ) аст...Намояндагони ҷараёни структурализмро маълум кунед.
$A) В.Гумболдт, Б-де Куртене, И.Трир, М.Фуко;
$B) Х.Шухардт, Б.Кроче, Ж.Лакан, Ж.Деррида;
$C) Клод Леви Стросс, Ж.Лакан, М.Фуко;
$D) Л.Блумфилд, Э.Харрис, Ч.Хокет, К.Л.Строс;
$E) В.Гумболдт, М.Хайдеггер, Э.Гуссерл, Ж.Лакан;

@104.Марҳилае, ки ин ҷараён муаррифӣ мекунад, гузариш аз замони нав ба замони муосир буда, ҳамчун мунаққиди арзишҳои фалсафӣ ва фарҳангие, ки дар доираи тафаккури ратсионализми асри XVIII пайдо шуда буд, баромад мекунад.Ин назария ҷараёни дар адабиёту санъати асри XX- ҳамчун комплекси идеяҳои иҷтимоию фалсафӣ, назарияи бархурди нав ба олам аст, ки давраи «навтарин»-ро тавзеҳ ва «муаррифӣ» менамояд.Вазъи нави иҷтимоию фарҳангии Аврупои баъдиҷангиро чун ҷудоии қатъӣ аз гузашта тавсиф карда, ба ҳама лоиҳаи фарҳангӣ, аз ҷумла фалсафа низ ба назари шубҳа нигариста, аз нав дида баромадану тафтиши онҳоро таъкид мекунад.Ба хотир биёред, ки ин кадом ҷараёнест, дар фалсафа, адабиёт ва санъати замони муосир.
$A) Постмодернизм;
$B) Постструктурализм;
$C) Теологияи экзистенсиалӣ;
$D) Ҷараёни динию фалсафии «теологияи озодшавӣ»;
$E) Постпозитивизм;

@105.Ӯ ду назария барои олами Ѓарб актуалӣ (мубрам) - назарияи стратификатсия ва назарияи мобилияти иҷтимоиро таҳия намудааст.Аз соли 1930 профессори университети Гарвард буда, факултаи сотсиологияи ҳамин университетро таъсис дод ва роҳбарии онро ба уҳда дошт.Файласуфи рус, ки баъди соли 1922 Россияро тарк намуданаш дар ИМА.зиндагию фаъолияти илмӣ карда, маркази тадқиқотҳои фалсафӣ ва сотсиологии худро проблемаи инсон ва омӯзиши ҷамъият интихоб намуд.Ӯро маълум созед.
$A) П.А.Сорокин;
$B) П.С.Мережовский;
$C) Л.И.Шестов;
$D) Н.А.Бердяев;
$E) П.П.Сувчинский;

@106.Ин принсип ифодаи назарияи сенсуалистии мутафаккире аст, ки муқаррароти «Идеяҳои фитрӣ»-и Р.Декарт ва тасаввуроти намояндагони афлотунияи университети Кембриҷро оиди донишҳои фитрӣ дар асараш «Таҷрибаҳо оиди фаҳмиши инсонӣ» («Опыт о человеческом разумении») мавриди танқид қарор медиҳад.«ҳеҷ чизе, ки қаблан дар эҳсос набошад, дар ақл нахоҳад буд».Ӯро ба хотир биёред.
$A) Ҷон Локк;

$B) Ҷорҷ Беркли;
$C) Томас Гоббс;
$D) Готфрид Лейбнитс;
$E) Бенедикт Спиноза;

@107.Ин фасли фалсафа ҳанӯз то пайдо шудани истилоҳи онро шарҳдиҳанда, дар фалсафаи антиқа ба тарзи равшан, таҳия гашта буд.Ин мафҳум аз калимаи юнонӣ гирифта шудаст ва бори аввал дар «Луғати фалсафӣ»-и файласуфи немис Рудолф Гоклениус (с.1613) шарҳ дода шуда, ба забон тоҷикӣ «таълимот дар бораи ҳастӣ» тарҷума мешавад.Ин мафҳумро маълум созед.
$A) Онтология;
$B) Гносеология;
$C) Психологизм;
$D) Сотсиологизм;
$E) Антропология;

@108.Ҳаракати миқдорие, ки ба тағйироти қатъии таркиби объектҳо, ба эҷоди (пайдошавии) объекти комилан нав оварда, гузаришро аз як шакли материя ба дигараш таъмин мекунад.Ном баред.
$A) Популятсионӣ;
$B) Динамикӣ;
$C) Эволютсионӣ;
$D) Флуктатсионӣ;
$E) Бифуркатсионӣ;

@109.Ин андешаи яке аз материалистони вулгарӣ аст, ки хусусияти шуурро инкор намуда, онро ба чизҳо (моддиёт) омехта медонист: «Мағзи сари инсон фикрҳоро ҷудо мекунад, мисли он ки ҷигар зардаро» Айният донистани шуурро бо материя дар асараш «Инсон ва мақоми он дар табиат» таъкид намуда, назарияи П.Ж.Кабанисро, ки тафаккурро маҳсули физиологии материя меҳисобид, пайравӣ менамояд.Профессори университети Женева буд ва барои дар инқилоби соли 1848 (Германия) иштирок карданаш, ғоибона ӯро ба қатл ҳукм намуда буданд.К.Маркс назари материализми вулгарӣ ва мавқеи сиёсии ӯро дар асараш, ки номи ҳамин мутафаккирро дорад, танқид мекунад.ӯро маълум созед:
$A) К.Фохт;
$B) Я.Молешотт;
$C) Ж.Гюйо;
$D) П.Ж.Прудон;
$E) Л.Бюхнер;

@110.Таваҷҷӯҳи файласуфонро проблемаҳои асосии онтология қарнҳои зиёд ҷалб мекард ва нишон диҳед, ки ин проблемаҳо кадомҳоянд?
$A) Проблемаи ҳастӣ, ғайриҳастӣ, табиати шуур, проблемаи ягонагии олам, проблемаи Худо, масъалаи ҳаракат ва ғайра;
$B) Проблемаи инсон, мантиқи шаклӣ, ҳастӣ, маърифати ҳиссию ақлӣ, ҷамъият;
$C) Проблемаҳои олами маънавӣ.тақдири инсон, арзишҳо, ахлоқ ва озодии инсон;
$D) Проблемаҳои ҳастии моддию маънавӣ, маърифати олам, эволютсияи табиати зинда, таърихи афкори фалсафӣ, идеяи Офариниш, шуури инсон;
$E) Ҷамъият, иқтисодиёт, дониста шавандагии олам, ғайриҳастӣ, ҳаракат, ҳастии зуҳуротҳо ва проблемаи ягонагии олам;

@111.Дар таълимоти кадом философ масъалаи робитаи ҳастӣ ва ғайриҳастиро нахустин маротиба дидан мумкин аст?
$A) Афлотун дарк намуд, ки инкори ғайриҳастӣ аз ҷониби Парменид боиси сарфи назар кардани имконияти муқоиса фарқгузорӣ мувофиқсозӣ умуман маърифат мегардад ва ӯ ғайриҳастиро ҳамчун вуҷуди «як чизе» дар таълимоташ ҷой намуд;
$B) Яке аз бунёдгузорони материализми диалектикию таърихӣ Ф.Энгелс ҳастиро қабл аз ҳама ба материалиёт айният дода мафҳуми ҳастии холис ва ғайриҳастии холисро сарфи назар мекунад;
$C) Шарҳи диалектикии категорияҳои ҳастӣ ва ғайриҳастиро дар айнияту фарқият баҳамворидшудану ба якдигаргузаш-тан ва дар робитаи мутақобила буданашон мутафак-кири немис Г.Гегел тадқиқменамояд;
$D) Намояндагони экзистенсиализм ҳастии инсонро аз ҳастии ашёҳо ба куллӣ фарқгузошта, чунин шакли ҳастӣ экзистенсияро ҳамчун ҳастии пурмаъно ва ҳақиқӣ меноманд, ки онро чун моҳият ва мавҷудият бо ҳам мувофиқменамоянд;
$E) Арасту дар назар дошт ки мафҳуми ҳастиро ба ҳар маъное ифода мекунанд ва мафҳуми «моҳият» ин «асли ҳастӣ» мебошад.Ғайриҳастии мутлақнест ва он дар нисбати ҳастӣ мебошад;

@112.Ба фалсафа категорияи «моҳият»-ро ворид сохтааст, ки онро асли «ҳастӣ» меномад.Моҳият чунин ҳастиест, ки худ новобаста ба чизи дигар арзи вуҷуд дорад.Моҳият низ ҳастӣ буда,он «қабати амиқ»-и ҳамагуна ҳастӣ аст, ки эҳсос нагашта танҳо ба воситаи ақл маърифат мегардад.Робитаи «моҳият» ва «ҳастӣ»-ро кӣ ба дастгоҳи назариявии фалсафа ворид сохтааст.
$A) Арасту;
$B) Афлотун;
$C) Эпикур;
$D) Абуюсуфи ал-Киндӣ;
$E) Бенедикт Спиноза;

@113.Қобил ба мавҷудияти мустақил аст ва асли ҳастиро ифода мекунад: ин мафҳум ҳамон «субстансия»-и лотинӣ аст, ки моҳият мавҷуд ё асл тарҷума мешавад ва ҳамин субстансия тарҷумаи калимаи юнонии «гипостасис» (фундамент, асос) мебошад, ки дар баробари 9 –категорияи дигар аз тарафи Арасту таҳия гаштааст.Дар материализм моҳиятан ба материя наздик маънидод мегарданд.Ин мафҳумро, ки дар фалсафа тағйироти маъноиро тай кардааст ном баред.
$A) Ҷавҳар;
$B) Араз;
$C) ҳаракат;
$D) Модда;
$E) ҳаюло;

@114.Ҳастӣ шаклҳои асосӣ дорад, ки онро ном гиред.
$A) ҳастии материалӣ, ҳастии идеалӣ, ҳастии инсонӣ, ҳастии иҷтимоӣ;
$B) ҳастии маънавӣ ҳастии табии ҳастии идеалӣ ҳастии рӯҳонӣ;
$C) ҳастии ашёҳо ҳастии материалӣ, ҳастии табии ҳастии олами наботот ҳайвонот;
$D) ҳастии предметҳо ҳастии зуҳуротҳо ҳастии моддӣ;
$E) ҳастии рӯҳонӣ;

@115.Оиди мафҳуми (категорияи) материя назарияҳои асосии фалсафиро зикр намоед.
$A) Назарияи материалистӣ, идеализми объективӣ, идеализми субъективӣ, назарияи позитивистӣ;
$B) Назарияи агностипсизм, дуализм, скептитсизм ва назарияи материалистӣ;
$C) Назарияи феноменология экзистенсиализм позитивизм прагматизм;
$D) Назарияи монадалогия, атомизм, идеализми объективӣ, эмпиризм;
$E) Назарияи ратсионализм, материализм, диалектикӣ, прагматизм, инструментализм;

@116.Оиди материя назарияи материалистӣ чиро дар назар дорад?
$A) Материя асоси ҳастӣ буда, ҳама шаклҳои дигари ҳастӣ-рӯҳ, инсон, ҷамъият маҳсули материя аст.Материя аввал буда, дар худ ҳастии воқеиро фаро гирифтааст;
$B) Материя асоси тамоми мавҷудот ба ҳисоб рафта шакли ашёҳо ҳамчун инъикоси логос тасвир мегардад;
$C) Материя ин оғози мавҷудоти олам Буда ҳамон ҳадди ҳастӣ аст ки руҳ аз ҳолати сокин таҳти зуҳуроти материалӣ худро ифшо месозад;
$D) Материя бо рӯҳ алоқамандии наздик дошта то андозае материя «рӯҳи хуфта» аст;
$E) Материя аз хиради ҷаҳони судур шуда ба таври тадриҷӣ амали шудани сифатҳои хиради ҷаҳонист;

@117.Материя асоси ҳастӣ буда, ҳама шаклҳои дигари ҳастӣ - рӯҳ, инсон ҷамъият маҳсули материя аст.Материя-реалияти объективиест (воқеияти айнӣ), ки новобаста аз инсон ва шуури ӯ вуҷуд дошта, инсон онро ба воситаи эҳсосҳояш дарк менамояд, сурату акси онро мегирад.Материя аввал буда, дар худ ҳастии воқеиро фаро гирифтааст.Ин нуқтаи назар ба кадом ҷараёни фалсафӣ таалluқ дорад?
$A) Назарияи материалистӣ;
$B) Назарияи материализми вулгарӣ;
$C) Назарияи идеализми объективӣ;
$D) Назарияи позитивизм;
$E) Назарияи эмпириокрититсизм;

@118.Сохтори (аломатҳои) таркибии материяро ном баред.
$A) Табиати ғайризинда, табиати зинда, сотсиум (ҷамъият);
$B) Табиати дуюм-маҳсули фаъолияти истеҳсолии инсон олами ғайризинда олами қудс;
$C) ҳастии инсон ҷамъият кайҳон;
$D) Табиати аввал – ҳамон қисми табиат, ки ҳанӯз ба доираи фаъолияти инсон ворид нест олами инсонӣ наботот;
$E) Олами ҳайвонот биосфера ноосфера табиати ғайризинда;

@119.Ин сатҳи кадоме аз шаклҳои таркибии материя аст? Сатҳи субмикроэлементарӣ, микроэлементарӣ, ядро, атом, молекулавӣ, сатҳи чизҳои алоҳида, макроҷисмҳо, сайёравӣ, сатҳи системаҳои сайёраҳо, сатҳи галактика ва системаи галактикаҳо, метагалактика сатҳи олам дар маҷмӯъ.
$A) Табиати ғайризинда;
$B) Олами Кабир;
$C) Олами Асғар;
$D) Табиати зинда;
$E) Сатҳи биосфераю литосфера;

@120.Ин сатҳу аломати таркибии материяро муайян кунед: сатҳи тоҳуҷайравӣ (ДНК, РНК, сафедаҳо), ҳуҷайраҳо, сутуҳи бисёрҳӯҷайравӣ, намудҳо, популятсияҳо, биосенезҳо, сатҳи биосфера дар маҷмӯъ.
$A) Табиати зинда;
$B) Олами наботот;
$C) Олами ҳайвоноту наботот;
$D) Олами ғайризинда;

$E) Сатҳи биосфера;

@121.Ин аломат (элемент) ва сатҳи материя (олами материалӣ)-ро маълум созед: Фарди алоҳида, оила, гурўҳ, коллективҳо, гурўҳҳои иҷтимоӣ, (синфҳо, стратҳо, этносҳо, миллатҳо, нажодҳо, ҷамъиятҳои алоҳида, давлат, иттиҳоди давлатҳо, ҷамъият дар маҷмўъ.
$A) Сатҳи сотсиум (ҷамъият);
$B) Олами Кабир;
$C) Олами материалӣ;
$D) Табиати зинда;
$E) Табиати зиндаю ѓайризинда;

@122.Материя ҷиҳатҳои характерноки худро дорад, ки онро дар поён нишон диҳед:
$A) ҳаракат, худташаккулёбӣ, ҷойгир будан дар фазо ва вақт, қобилият ба инъикос доштан;
$B) Оромӣ, ҳаракат, инкишофи ѓайриташаккулёбӣ, мавҷудият дар фазо, қобил ба фаношавӣ;
$C) ҳаракати биологӣ, оромӣ, инкишофи мустақим, ҷойгир будан дар вақт, қобилияти инъикос ёфтан;
$D) ҳаракати механикию биологӣ, оромӣ, фаношавӣ, азнавэҳёгардӣ, мавҷудият дар вақт, қобилият надоштан аз инъикоси воқеӣ;
$E) ҳаракат худташаккулёбӣ, фаношавӣ;

@123.Ҳамчун хосияти ҷудонопазири материя ҳаракат кадом шаклҳоро дорад?
$A) ҳаракати механикӣ, физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ;
$B) ҳаракати ростхата, спиралӣ, мунтазаму доимӣ ва биологӣ;
$C) ҳаракати дискурсӣ, ҳаракати флуктатсионӣ, ҳаракати механикӣ, ҳаракати эволютсионӣ;
$D) ҳаракати ҷаҳишмонанд, эволютсионӣ, ҳаракати популятсияҳо, ҳаракати механикию физикӣ, олами зиндаю ѓайризинда;
$E) ҳаракати мунфасила ва мутассила, кимиёвию биологӣ, ҳаракати атому молекулаҳо;

@124.Дар онтология мафҳуми атрибут истифодамегардад, ки онро шарҳ диҳед.
$A) Атрибут-ин хосияти зарурӣ муҳим ва ҷудонопазирест, ки бе он предмет объект вуҷуд дошта наметавонад;
$B) Дар ҷараёни таѓйиротҳои сифатию миқдорӣ атрибут нуқтаи ибтидоиест, ки маҳз аз он таѓйирёбии сифатӣ оѓоз мегардад ва заминаи таҳаввули комили предмету объектҳо мегардад;
$C) Хосияти ѓайримуҳим фосиладор буда ба табиати зинда хос аст  вале дар табиати ѓайризинда ҳузур надорад;
$D) Хосияти инъикосшавандагии предмету объектҳо буда, марҳила ба марҳила маърифати инсонӣ онро фаро мегирад;
$E) Хосияти муҳими ҳаракати биологию физикии материя буда, дар ҷараёни аз як сифат ба сифати дигар гузаштани объектҳо аз худ дарак медиҳад;

@125.Муқаррароте, ки ном гирифта мешавад, ифодаи кадом консепсияҳоянд? Агар консепсияҳои муайяни фалсафӣ оиди воқеияти объективӣ аз як ҷавҳар будани онро дар назар дошта бошад, аз ду ё аз мабдаҳои мухталиф будани онро пешниҳод кунад, нуқтаи назари ин консепсияҳо мебошанд.
$A) Реализм, дуализм, материализм;
$B) Идеализм, дуализм, материализм;
$C) Монизм, дуализм, плюрализм;
$D) Детерминизм, дуализм, скептитсизм;
$E) Релятивизм, дуализм, субстансиализм;

@126.Кадом шакли (зуҳури) асосии материяро илми муосир исбот сохтааст?
$A) Чизҳо (вещество) ва майдонҳо.Онҳо сифатан аз ҳам фарқ мекунанд, аммо нишонаю хосиятҳои умумӣ дошта, бо ҳам алоқаманданд ва метавонанд ба якдигар табдил ёбанд;
$B) Чизҳо зуҳуротҳои ҳастии моддию маънавӣ, ки мутобиқба сохтори таркибии материя ташаккул меёбанд;
$C) Ашёҳо ҳодисаҳои олами биосфера ноосфера, ки ба низоми элементҳои материяи зиндаю ѓайризинда дохиланд;
$D) Чизҳо, ашёҳо, зуҳуротҳои табиати зиндаю ѓайризинда, ки фарогири шаклҳои ҳаракати материя буда, вобаста ба шакли мушаххаси он ба таѓйироти сифатии фарққунандае хоҳанд овард;
$E) Ашёҳо чизҳо микромир, ки шомили шакли ҳаракати механикию физикии материя буда хосияти умумӣ доранд ва ҷиҳатҳои фарққунандаи онҳо бошад имкони ба якдигар гузаштани онҳоро сарфи назар мекунад;

@127.Кадом соҳаҳои олами материалиро физикаи муосир ном мебарад?
$A) Макро, микро, мегаолам.Онҳо аз нигоҳи масштаб ва бузургии объектҳои материалӣ гуногунанд.Аз инкишофи макромир ба сўи амиқият рафтани он ин микроолам (микромир) ба сўи паҳноият рафтан мегаолам аст;
$B) Олами Акбар ва Олами Асѓар, ки ҳанўз мутафаккирони антиқа зимни он ҳарф заданд;
$C) Сайёраҳо ситораҳо ва низоми галактикӣ.Сайёраи Замин чун мувофиқтарин сайёраест, ки на аз Офтоб дуртар аст ки сард гардад ва на ба Офтоб наздик аст, ки тафсон шавад;
$D) Низоми хаос (харaҷу марaҷ) ва тартиб, ки ба Олами зинда ва табиати ѓайризинда хос буда, заминаи инкишофи ѓайрихатӣ ѓайрипаралелӣ ва ташаккули худ ба худи олами материалист;
$E) Табиати ѓайризинда, табиати зинда ҳамчун элементҳои асосии материя дар навбати худ микроолам ва макроолам буда, ҳастии иҷтимоиро сарфи назар мекунад;

@128.Аз нигоҳи файласуфи немис Николай Гартман сохтори табиии олам ва бисёрқабата будани он чӣ гуна тасвир мешавад?

$A) Қабатҳои асосӣ чаҳортоанд: физикӣ-материалӣ органикӣ-зинда рӯҳонӣ таърихӣ-маънавӣ.Қабати нисбатан болотар комилан дар заминаи қабати нисбатан поёнтар сохта шуда аммо қисман ба воситаи он муайян мегардад.Категорияи нисбатан поинтар ба қабати болоӣ ворид шуда қисмати муҳими ӯ он ҷо мемонад;
$B) Метафизикаи монистиро танқид карда ӯ ду қабати табии оламро зикр мекунад физикӣ-материалӣ таърихӣ-маънавӣ.Ин қабатҳо дар навбати худ ба қабатҳои хурдтаре тақсим шуда манзараи оламро тасвир месозад;
$C) Дар асараш «Онтологияи кӯҳна ва нав» се қабати табии оламро физикӣ-химиявӣ, биологӣ-иҷтимоӣ ва таърихию маънивиро ном бурда идеяи монистӣ будани консепсияи ташаккули оламро ба шубҳа мегузорад;
$D) Бисёрқабата будани оламро Николай Гортман зуҳури консепсияи плюрализм дониста бунёди оламро як ҷавҳар меҳисобад.Онтологияи фундаменталии Хейдегерро, ки маънои ҳастиро ба миён мегузошт аз аввал иштибоҳ мешуморад;
$E) Қабатҳои сохтори табии олам беохиранд ва ягонагии материалии олам ҳамчун назарияи монистӣ қобили қабул нест;

@129.Ҳанӯз дар замони аттиқа оид ба ҳаракат андеша доштанд: ҳаракатро «ҳафт ҳаким»-и юнонӣ чӣ тавр шарҳ медоданд?
$A) ҳаракати пайдо шудан, фано гаштан ва барқарор шудани ҳама ҳастӣ;
$B) ҳаракати нисбӣ, мутлақ, ҳаракате, ки робитаи ду шакли аввалаи ҳаракатро ба ӯҳда дорад;
$C) ҳаракат ба таври воқеӣ вуҷуд надорад зеро ки ҳар лаҳзаи он ворид ба лаҳзаи устувории оромист;
$D) ҳаракат дар дохили як моҳият ва шакл дар се ҷиҳат сифат миқдор ва макон амалӣ магардад;
$E) ҳаракат ин шакли куллии мавҷудияти ҳастии материя буда, маҳз дар материя зуҳур меёбад;

@130.Арасту чӣ тавр классификатсияи тарзҳои тағйироту ҳаракатро ҷамъбаст мекунад?
$A) Пайдошавӣ, фано шудан ва худи ҳаракат, ки ҳамчун амалӣ шудани мавҷудиятро дар имконияти вай ва гузариши онро ба воқеият дар назар дорад;
$B) ҳама чиз дар Олам қобил ба ҳаракат аст ҳаракат ин тарзи мавҷудиятест, ки аз моҳияти материя берун меояд;
$C) ҳаракат бе материя низ вуҷуд дошта метавонад ва ҳамчун энергия хосияти берун аз материя аст;
$D) Тамоми тағйирот ва ҳаракат мувофиқи назарияи гирдгардон сурат гирифтааст, ки баъд аз марҳилаи муайянеро тай кардан боз ба нуқтаи аввала баргаштани он аст;
$E) ҳаракат - ин оташест, ки гоҳе шӯълавар ва гоҳе хомӯш мегардад;

@131.«Ончуноне, ки ҳаракат бе материя нест, ҳамон тавр материя низ бе ҳаракат вуҷуд дошта наметавонад» Ин андеша ба кӣ тааллуқ дорад?
$A) Гегел.
$B) Арасту;
$C) Мактаби Элеат;
$D) Нютон;
$E) Лаплас;

@132.Ин шаклҳои диалектикаро муайян созед: шакли аввали диалектика ба олами идеяҳо, мафҳумҳо, умуман барои бартааф намудани мутазодии ҳукмҳо нигаронида шудааст.Шакли дигари диалектика проблемаи зиддиятҳо самти ба даст овардани ҳақиқатро зимни омӯзиши зуҳуротҳои материалӣ дар назар дорад.
$A) Диалектикаи субъективӣ ва диалектикаи объективӣ;
$B) Диалектикаи соддалавҳона ва диалектикаи объективӣ;
$C) Диалектикаи теологӣ ва диалектикаи ирфонӣ;
$D) Диалектикаи идеалистӣ ва диалектикаи градуалистӣ;
$E) Диалектикаи стихиявӣ ва диалектикаи материалистӣ;

@133.Таваҷҷӯҳ: агар тағйирот аз ҳадди сифатии мавҷуд берун нашавад онро чӣ мегӯянд ва агар тағйирот ба дигаргуншавии сифати он биёрад, онро ба чӣ мафҳум ифода менамоянд.
$A) Эволютсия ва инкишоф;
$B) Ҷаҳиш ва инкишоф;
$C) Револютсия ва ҷаҳиш;
$D) Детерминизм ва индертерминизм;
$E) Тағйироти синергетикӣ ва диалектикӣ;

@134.Ин моделҳо ё консепсияҳои зикршуда чиро ифода мекунанд? Консеписия ё модели Спенсер «эмержентизм» ё ин ки «эволютсияи эҷодӣ»-и Л.Морган А.Бергсон, модели натуралистӣ (диалектикаи стихиявии табиатшиносӣ), модели антропологӣ, модели баробар мувофиқ-интегратсионӣ, консепсияи диалектикӣ-материалистӣ.
$A) Моделҳои анъанавии инкишоф;
$B) Моделҳои эволютсионӣ;
$C) Консепсияи ҳаракат;
$D) Консепсияи вақту фазо;
$E) Консепсияи идеяҳо;

@135.Таваҷҷуҳ намоед ба ҷиҳатҳои фундаменталии инкишоф ва онро муайян кунед.
$A) Куллият, барнагарданда, вуҷуд доштани самти тағйирот;
$B) Тағйироти мутаассил, хаотикӣ, самти тағйирот доштан;
$C) Тағйироти бифуркатсионӣ ба нуқтаи аввал баргаштан, ҳаракати ҷанбаҳои алоҳида;

$D) Куллият, детерминизм, молики ҳаракат, дар фазо ва вақт ҷой доштан;
$E) Интегратсионӣ куллият сабабият баргарданда даврзананда ва ба нуқтаи аввал баргаштан;

@136.Ин шакли ҳаракатро маълум созед? Шакли махсуси ҳаракат, ки он ҷо тағйироти сифатию миқдорӣ ё тағйироти ҳолатии он ба амал омада ба ҷиҳатҳои куллият, самти тағйирот ва барнагаштанаш, аҳамият пайдо мекунад.
$A) Инкишоф;
$B) ҳаракати механикӣ;
$C) ҳаракати динамикӣ;
$D) Худташаккулёбӣ;
$E) Эволютсия;

@137.Зуҳури миқдории ҳаракат чиро дар назар дорад? Дар сурате, ки ҳаракат метавонад миқдорию сифатӣ бошад.
$A) Зуҳури миқдории ҳаракат ин гузаштани материя энергия ба фазо аст;
$B) Ин тағйироти ҳаракат танҳо дар табиати зинда ба вуқӯъ мепайвандад;
$C) Зуҳури миқдории ҳаракат дар инкишофи сотсиум (ҷамъият) сурат гирифта дар табиат ноаён аст;
$D) Зуҳури миқдории ҳаракат хоси танҳо ҳаракати механикӣ буда, шаклҳои дигари ҳаракатро фаро намегирад;
$E) Тағйирот миқдорӣ ҳамзамон тағйирёбии сифатӣ, буда ба тағйироти кулл меорад;

@138.Ба ду тарз ё шакли тағйирёбӣ, ҳаракати миқдорӣ (худтағйирёбии материя) тақсим мешавад, ки онро пайдо кунед.
$A) ҳаракати динамикӣ ва популятсионӣ;
$B) ҳаракати сабабӣ ва имконияти он;
$C) инкишофи эволютсионӣ ва ҷаҳишмонанд;
$D) ҳаракати спиралӣ ва мустақим;
$E) ҳаракати системавӣ ва тасодуфӣ;

@139.Ин шакли ҳаракати миқдориро муайян кунед: ҳаракати миқдорие, ки тағйирёбии мундариҷаи ҳаракат дар доираи шакли кӯҳна буда, шаклҳои материалии пешина «имкониятҳои (потенсиалӣ) худро» ифшо месозанд.
$A) ҳаракати динамикӣ;
$B) ҳаракати системавӣ;
$C) ҳаракати потенсиалӣ;
$D) ҳаракати популятсионӣ;
$E) ҳаракати спиралӣ;

@140.Таҳиягарони асосии он И.Пригожин ва Г.Хакен мебошанд: азарияи илмие, ки материяро ҳамчун системаи қобил ба худташаккулёбӣ, пайдо шудану мукаммал гаштан ва аз нав тавлид шудани онро бе иштироки қувваҳои берун ба эътибор мегирад.Маълум созед.
$A) Синергетика;
$B) Диалектика;
$C) Эклектика;
$D) Метафизика;
$E) Герменевтика;

@141.Шакли куллии тағйиротҳои дохилӣ, ки дар асоси он худташаккулёбӣ, ғалаён, калавиш ва ҷойивазкунии тасодуфии ҳолатҳои материя сурат мегиранд, дар доираи назарияи синергетика чӣ тағйирёбиест?
$A) Флуктатсионӣ;
$B) Бифуркатсионӣ;
$C) Динамикӣ;
$D) Спонтанӣ;
$E) Диссипативӣ;

@142.Аз нуқтаи ғайримувозинатӣ система ба яке аз имкониятҳои эволютсияи худ афтида, худташаккулёбӣ ба амал меояд ва сохтори устувор ва тартиботи қаблан набудае ба вуҷуд меояд, ки тамоми система ба он майл мекунад.Калимаи лотинӣ буда, ба маънои ҷалб кардан фаҳмида мешавад.Чунин сохторро дар низоми синергетика чӣ меноманд?
$A) Аттрактор;
$B) Флуктатсионӣ;
$C) Бифуркатсионӣ;
$D) Диссипативӣ;
$E) Спонтанӣ;

@143.Дар низоми синергетика ин сохторро чунин тасвир мешавад: дар натиҷаи тағйироту робитаҳои худ ба худ (спонтанӣ) алоқаи байни элементҳои материя тағйир ёфта робитаҳои нав пайдо шуда материя ҳолати навро соҳиб мешавад, ки хосияти ғайриустувор дорад.Ин сохтор (ё структура) ду вариант дорад аввалан ин сохтор таҳким гардида танҳо дар ҳолати энтропия (ворид шудани энергия аз муҳити берун) ба намуди нави материя табдил меёбад ва бо тарзи динамикӣ инкишоф меёбад.Дуюм дар натиҷаи заифии дохилӣ ғайритабии ноустувории робитаҳои нав ё мавҷуд набудани энтропия ин сохтор пора (распад) шуда фано мегардад.Онро ёбед.

$A) «Структураи диссипативӣ»;
$B) Флуктатсия;
$C) Аттарактор;
$D) Бифуркатсионӣ;
$E) Спонтанӣ (худ ба худ);

@144.Мудавомияти объектҳои материалӣ ва муназзамии тағйироти (ивази ҳолатҳо) объектҳоро дар протсесси инкишофи онҳо ифода намуда, шакли ҳастии объективӣ, куллӣ, қонунии материя аст.Маълум созед.
$A) Вақт;
$B) Ҳаракат;
$C) Тафаккур;
$D) Фазо;
$E) Худташаккулёбӣ;

@145.Имтидод (протяженность), таркиб, амали муштараки элементҳои дохилии объектҳои материалӣ ва амали муштараки объектҳои материалии байни худро ифода менамояд.Ин шакли ҳастии материяро муайян кунед.
$A) Фазо;
$B) Ҳаракат;
$C) Идея;
$D) Вақт;
$E) Худташаккулёбӣ;

@146.Сеченака будани он, муттасилӣ ва номуттасилӣ, симметрия ва асимметрия, тақсимшавии ашёҳо ва майдонҳо, масофати байни объектҳо, ҷойгиршавии онҳо: чунин аст, хусусиятҳои хоси ин шакли ҳастии материя.Маълум созед.
$A) Фазо;
$B) Ҳаракат;
$C) Тафаккур;
$D) Вақт;
$E) Худташаккулёбӣ;

@147.Мудавомият ва барнагарданда будани он, хусусияти атрибутии (ҷудонашаванда) ин шакли ҳастии материя аст.Маълум кунед.
$A) Вақт;
$B) Табиат;
$C) Фазо;
$D) Ҳаракат;
$E) Худташаккулёбӣ;

@148.Дар таърихи илм ду назарияе оиди ҷойгир будани материя дар вақту фазо таҳия шудаанд, ки онҳоро ном гиред.
$A) Релятсионӣ ва субстансиалӣ;
$B) Детерминистӣ ва индетерминистӣ;
$C) Атомистӣ ва монадалогия;
$D) Назарияи нисбият ва релятсионӣ;
$E) Назарияи небулярӣ ва субстансиалӣ;

@149.Ин назарияро Демокрит, Эпикур, Нютон ва ғайра муаррифӣ кардаанд.Ин назария вақт ва фазоро воқеияти алоҳидае медонад, ки дар баробари материя чун ҷавҳари мустақил қарор дошта, муносибати байни материя ва фазою вақтро чун робитаи байни ҷавҳарӣ арзёбӣ мекунанд, ки онро ёбед:
$A) Субстансионалӣ;
$B) Назарияи нисбият;
$C) Релятсионӣ;
$D) Назарияи небулярӣ;
$E) «Назарияи механикаи осмон»;

@150.Пайравони ин назария Арасту, Лейбнитс, Гегел мебошанд.Ин назария фазо ва вақтро ҳамчун муносибате медонанд, ки дар натиҷаи робитаи мутақобила бо объектҳои материалӣ пайдо мешавад.Маълум созед.
$A) Релятсионӣ;
$B) Назарияи небулярӣ;
$C) Назарияи персептуалии фазо ва вақт;
$D) Назарияи консептуалии фазо ва вақт;
$E) Субстансиалӣ;

@151.Нуқтаи назарияҳои пешинро оиди фазою вақт чун бузургиҳои абадию беохир ба куллӣ тағйир дод.Ин назария дурустии консепсияи релятсиониро, ки мувофиқи он фазо ва вақт ҳамчун муносибати дохилии материя ҳастанд тасдиқнамуд.Ин кадом назария аст?

$A) Назарияи нисбияти А.Энштейн;
$B) Назарияи небулярӣ;
$C) Консепсияи типологии вақт, С.В.Майен;
$D) Консепсияи органикии вақт, Г.Бакман;
$E) Назарияи механикаи квантӣ;

@152.Нуқтаи назарияҳои пешинро оиди фазою вақт-чун бузургиҳои абадию беохир ба куллӣтағйир дод.Бо ёрии ҳисобҳои мураккаби физикию математикӣӯ исбот сохт, ки агар ягон объект бо суръате, ки аз сураъати рӯшноӣ баландтар аст ҳаракат кунад дар ин ҳолат дар дохили ҳамин объект вақт ва фазо тағйир меёбад- фазо (объектҳои материалӣ) хурд гашта вақт дарозтар мешавад.Оиди муносибати фазо ва вақт назария ва муаллифи онро тасдиқ кунед.
$A) Назарияи нисбият А.Энштейн;
$B) Консепсияи органикии вақт Г.Бакман;
$C) Назарияи квантӣ М.Планк;
$D) Консепсияи типологии вақт: С.В.Майен;
$E) Назарияи Майелсон-Морли;

@153.Аз мавқеи консепсияи материалистӣ қобилияти материяи олиташкил аст, ки материяро инъкос менамояд ва он сатҳи олии инъикос аст.Маълум созед.
$A) Шуур;
$B) Хотира;
$C) Тафаккур;
$D) Ақл;
$E) Рӯҳ;

@154.Дар фалсафаи россиягӣ ва кишварҳои аъзои ИДМ (чун фалсафаи собиқ Шӯравӣ) фаҳмиши материалистии шуур бо чӣ назарияе ном бурда мешавад.Мувофиқи ин назария шуур хосияти материяи олиташкил аст.Онро ёбед.
$A) Назарияи инъикос;
$B) Назарияи сенсуализм;
$C) Назарияи материалистии шуур;
$D) Назарияи идеатории шуур;
$E) Назарияи интенсионалии шуур;

@155.Шуури инсон хосиятҳои худро дорад, ки муҳаққиқин чанд шакли онро ном гирифтаанд.Ном баред.
$A) Идеалиёт, интенсионалӣ, идеаторӣ;
$B) Мантиқият, ақлоният, эҳсосият;
$C) Тафаккур, идеалият, мантиқият;
$D) Архитипҳо, ақлоният, интенсионалӣ;
$E) Архетипӣ, бешуурӣ, идеаторӣ;

@156.Чанд нуқтаи назар дар фалсафа оиди шуур таҳия шудааст, ки муҳимтаринашон чаҳортоанд.Пайдо кунед.
$A) Физикализм, солипсизм, идеализми объективӣ, материализми эътидолӣ;
$B) Сенсуализм физикализм идеализми субъективӣ материализми вулгарӣ;
$C) Физикализм, идеализм ратсионализм эмпиризм;
$D) Фидеизм идеализми субъективӣ физикализм экзистенсиализм;
$E) Материализм физикализм идеализми субъективӣ герменевтика;

@157.Шуур, олам-хиради азимест ва шуур натиҷаи робитаи муштараки майдонҳоест, ки материяро ба вуҷуд меорад.Ин назарияи ба кадом мутафаккир таалluқ дорад?
$A) Толбет;
$B) Тейяр де Шарден;
$C) Рейзер;
$D) Шерингтон;
$E) Э.Кассирер;

@158.Галактика-хиради бузургест, ки ба мағзи сари инсон робита барқарор намуда, онро ба хирад пурраю нерӯманд месозад.Маълум созед, ки назарияи психосфера оиди шуур ба кӣ таалluқ дорад?
$A) Рейзер;
$B) Толбет;
$C) Тейяр де Шарден;
$D) Ч.Шарингтон;
$E) Э.Кассирер;

@159.Назарияи инкишофи ҳама ҳастӣ ва методи фалсафии ба он бунёд ёфтаест, ки фалсафаи муосир онро эътироф кардааст.Дар фалсафаи асри XX ин мафҳум ба се маънои асосӣ истифода мешуд: якум-маҷмӯи қонуниятҳою протсессҳо, ки дар олами материалӣ зимни ҳаракат ва инкишофи он амал мекунад.Дуюм-ин протсессе, ки онро мантиқ меомӯзад.Сеюм-яке аз методҳои

умумии маърифат аст, ки на барои дарҳфти донишҳои мушаххас, балки барои муайян кардани нуқтаи назар оиди омӯзиши ҳастӣ истифода мегардад.Онро муайян намоед.
$A) Диалектика;
$B) Метафизика;
$C) Эклектика;
$D) Софистика;
$E) Эмпиризм;

@160.Хосияти умда ва нишонаи асосии материя тағйироти объектҳои материалӣ ва идеалӣ, воқеан на тағйироти содда (механикӣ), балки худташаккулёбӣ, ки натиҷаи он гузаштан ба шакли баландтари ҳамин раванд аст, шакли олии ҳаракат мебошад.Проблемаи асосии диалектика буда, онро маълум созед.
$A) Инкишоф;
$B) Тағйироти сифатӣ;
$C) Тағйироти миқдорӣ;
$D) Ягонагӣ ва муборизаи зидҳо;
$E) Эволютсия;

@161.Бо куллият ва универсалӣ буданашон ин қонунҳо аз қонунҳои илмҳои дигар фарқ карда, ҳама соҳаҳои воқеияти муҳитро фаро гирифта, бунёди амиқи ҳаракат ва инкишоф, манбаи он, механизми гузаштанро аз нав ба кӯҳна, робитаи онҳоро ифшо месозад.Ин кадом қонунҳоянд.
$A) Қонунҳои диалектика;
$B) Қонунҳои илмӣ;
$C) Қонунҳои эмпирикӣ;
$D) Қонунҳои тафаккур;
$E) Қонунҳои ҷамъият;

@162.Се қонуни бунёдии диалектикаро ва шакли дурусти ном гиред.
$A) Қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо, қонуни гузаштани тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ, инкори инкор;
$B) Қонуни зиддҳо ва инкишоф, тағйироти эволютсионӣ ва сифатию миқдорӣ;
$C) Қонуни инкишофи мутазод ва ягонагии он, тағйироти миқдорӣ ва инкори тағйироти сифатӣ;
$D) Қонуни бақои энергия ва зиддияти он, тағйироти сифатӣ ба миқдорӣ қонуни таҷзияи диалектикӣ;
$E) Қонуни ягонагии мутазодҳо, инкори тағйироти миқдорӣ, инкори тағйироти сифатӣ;

@163.Бунёдгузори назарияи мукаммали диалектикӣ ду мафҳумро дар доираи қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳамзидҳо таҳия сохта, механизми амали мутақобилаи онҳоро, ки ба ҳаракат меорад, нишон дод.Аз нигоҳи ӯ ҳар предмет, зуҳурот ду сифати асосӣ дорад.Сифати аввал ба он маъно аст, ки предмет, зуҳурот, идея бо худ баробару мусовӣ аст яъне предмети мазкур маҳз ана ҳамин предмет мебошад.Айни ҳол дар доираи сифати ҳамин предмет чизе аст, ки кӯшиш дорад аз доираи ҳамин предмет баромада, сифати аввалро халалдор созад.Зиддияти байни ин ду сифати асосӣ ба тағйироти предмет–ба ҳаракат меорад.Ин мутафаккирро маълум созед:
$A) Гегел: айният ва фарқият;
$B) Энгелс: моҳият ва зуҳурот;
$C) Афлотун: идеяи муташаккилу маҳдуд ва материяи номуайяну орӣ аз шакл;
$D) Арасту: идеяҳо ва ашёҳо;
$E) Гегел: зарурат ва тасодуф;

@164.Ягонагии сифату миқдорро бо як мафҳум ифода менамоянд.Сифат, умуман муайянияти бевоситаи ба ҳастӣ айниятдор аст, ҳар як чиз ба туфайли сифаташ худи ҳамон чиз аст ва агар сифати худро аз даст диҳад чизе дигар мешавад.Миқдор бошад, характеристикаи зуҳуротҳо, предметҳо, протсессҳоест, ки сатҳи инкишофи шиддати хосиятҳои он бо бузургиҳо, шумора, ҳаҷм, вазн, масоҳат ва ғайра ифода меёбад.ки онро ном баред.
$A) Андоза;
$B) Ягонагӣ;
$C) Мундариҷа;
$D) Робита;
$E) Сабабият;

@165.Мувофиқи он-нав ҳамеша кӯҳнаро рад намуда, ҷои ӯро ишғол менамояд, вале тадриҷан худи он ба кӯҳна табдил ёфта аз ҷониби чизи нав рад мегардад.Масалан эволютсияи авлод, ивази назар дар фарҳангу мусиқӣ, иваз шудани форматсияҳо ё марҳилаи тағйири тамаддунҳо ва ғайра.Ин моҳияти қонунест, ки шакли дурусти навишташро маълум созед.
$A) Қонуни инкори инкор;
$B) Қонуни синтези диалектикӣ;
$C) Қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо;
$D) Қонуни гузаштани тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ ва баръакс;
$E) Қонуни детерминизми инкишоф;

@166.Диалектика принсипҳои худро дорад, ки ном баред.

$A) Принсипи робитаҳои кулл, принсипи муназзамият, принсипи сабабият, принсипи таърихият;
$B) Принсипҳои такроршавандагӣ, детерминистӣ, робитаи кулл, самти муайян доштан;
$C) Принсипи баргаштан, ба қонуне тобеъ будан, принсипи сабабият, таърихият;
$D) Принсипи робитаҳои кулл, такрорнашавандагӣ, принсипи ягона будан, самти муайян доштан;
$E) Принсипи робитаҳои кулл, принсипи сабабият, принсипи ба қонуне тобеъ будан;

@167.Дар рафти он қишрҳои гуногунҷиҳатаи ҳастӣ равшан гашта, тарафҳои дохилӣ ва моҳияти ашёҳо, зуҳуротҳои олами муҳит омӯхта шуда, инчунин субъекти ҳамин фаъолият-инсон аз ҷониби худи инсон тадқиқ мегардад.Моҳияти он–раванди фаъолу самти мақсаднок доштаи инъикоси воқеият дар шуури инсон аст.Ин моҳияти чист?
$A) Амалия;
$B) Шуур;
$C) Назарияи маърифат;
$D) Дониш;
$E) Таълимот дар бораи ҳастӣ;

@168.Чӣ амалҳоро доир ба маърифат дар рафти ҳаёти хеш инсон анҷом медиҳад?
$A) Аввалан олами муҳитро бевосита маърифат намуда ё барои худ ё барои инсоният чизи наверо ифшо месозад.Дуюм, олами муҳитро ба воситаи натиҷаи фаъолияти маърифатии наслҳои дигар (аз китобҳо, филмҳо,ёдгориҳои маданияти моддию маънавӣ) маърифат месозад;
$B) Якум оламро худ маърифат мекунад дуюм дар хотирааш нақш мегузорад сеюм онро инкишоф медиҳад чаҳорум онро баҳогузорӣ менамояд;
$C) Оламро аввал аз таълимотҳои асотирӣ, бадеӣ ва динӣ маърифат сохта, маърифати илмиро сарфи назар карда, сипас ба наслҳои баъдина моҳияти онро ба мерос мегузорад;
$D) Табиатро маърифат намуда, натиҷаи ин маърифаташро дар ҷамъият татбиқ месозад;
$E) Олами муҳитро танҳо бо фаъолияти муштараки одамони дигар дар якҷоягӣ маърифат сохта, дар шакли ёдгориҳои маданияти моддию маънавӣ ба наслҳои оянда боқӣ мегузорад;

@169.Чанд нуқтаи назари асосӣ дар фалсафа оиди раванди маърифат вуҷуд дорад?
$A) Ду нуқтаи назар: гноститсизм ва агноститсизм;
$B) Се нуқтаи назар: гноститсизм, сенсуализм, ратсионализм;
$C) Чаҳор нуқтаи назар эмпиризм: гноститсизм, агноститсизм ва ратсионализм;
$D) Панҷ нуқтаи назар: агноститсизм, эмпиризм, ратсионализм, гноститсизм.скептитсизм;
$E) Як нуқтаи назар: гноститсизм;

@170.Маълум намоед ин нуқтаи назарро: тарафдорони ин нуқтаи назар (чун қоида материалистон) ба имрӯзу ояндаи маърифат нигоҳи оптимистона (итминон) дошта таъкид мекунанд, ки олам маърифатшаванда аст ва инсон имкониятҳои потенсиалии номуҳдуди маърифатро соҳиб аст.
$A) Гноститсизм;
$B) Сенсуализм;
$C) Ратсионализм;
$D) Агноститсизм;
$E) Скептитсизм;

@171.Ба имкониятҳои инсон оиди маърифати олам ё ба маърифатпазирии худи олам боварию итминон надоранд ё имкониятҳои маърифатро маҳдуд меҳисобанд.Пайравони ин нуқтаи назар (бештар идеалистон) маълум намоед.
$A) Агноститсизм;
$B) Гноститсизм;
$C) Эмпиризм;
$D) Ратсионализм;
$E) Солипсизм;

@172.Маърифатро яке аз ҷараёнҳои асосии фалсафӣ-фаъолияти мустақилонаи хиради олӣ медонад, пайравони ҷараёни дигари асосии фалсафи бошанд маърифатро раванде меҳисобанд, ки дар натиҷаи он материя ба воситаи қобилияти инъикосдоштааш–яъне шуур, худашро меомӯзад.Ин ду ҷараёнро пайдо кунед.
$A) Идеализм ва метериализм;
$B) Идеализми субъективи ва материлизми вулгарӣ;
$C) Идеализм ва феноменология;
$D) Материализм ва прагматизм;
$E) Материализм ва позитивизм;

@173.Маърифат ҳам субъект ва ҳам объекти худро дорад.Субъекти маърифаткунанда кист?
$A) Субъекти маърифаткунанда инсон-мавҷудест, ки соҳибақл буда фаровонии маърифати андӯхтаи инсониятро аз худ кардааст.Субъекти дигари маърифат умуман ҷамъиятест, ки дар таърихи худ ҳаҷми бузурги маданияти моддию маънавиро ғун карда ба сифати пешбарандаи натиҷаҳои маърифат хизмат менамояд;

$B) Субъекти маърифаткунанда  аслан тамоми ҳодисот зуҳуротест, ки ба он маърифат равона шуда  инчунин предмету ашёҳо низ ҳамчун субъекти маърифаткунанда баромад мекунанд;
$C) Субъекти маърифаткунанда пеш аз ҳама таърихи инсоният аст, ки аз дастовардҳои гузаштаи маънавию моддӣ ба сифати бунёди маърифат истифода намуда дар раванди фаъолияти одамон ба ихтиёри онҳо,ба хотири дарёфти маърифати олам хотираҳои наслҳои гузаштаро вомегузорад;
$D) Субъекти маърифат ин олами муҳит, хусусан ҳамон ҳиссаи олам аст, ки ба сӯи он таваҷҷӯҳи маърифаткунанда нигаронида шудааст.Дар раванди маърифат дар сурати ба ҷамъият ва фардҳо нигаронида шудани маърифат онҳо низ субъекти маърифат шуда метавонанд;
$E) Субъекти маърифат танхо ҷамъият аст, ки иттиҳодияҳои олимон коллективҳои эҷодии илмию фарҳангиро муттаҳид сохта, самти маърифати оламро ҳадафнок ва бонизом месозад.Инчунин субъекти маърифат ин ҳамон объекту зуҳуротест, ки мавриди омӯзиш қарор ёфтаанд;

@174.Маърифат ҳам субъект ва ҳам объекти худро дорад.Объекти маърифатро муайян намоед.
$A) Объекти маърифат ин олами муҳит (ҳасти бо тамоми гуногунӣ) хусусан ҳамон ҳиссаи олами муҳит аст, ки ба он таваҷҷӯи маърифатии субъект равона гардидааст.Дар сурати ба ҷамъият ва омӯзиши фардҳо нигаронида шудани маърифат онҳо низ объекти маърифат буда метавонанд;
$B) Объекти маърифат дар симои маърифаткунанда таҷассум ёфта ҳамаи он андешаю афкори оиди ҳодисоти оламро фаро мегирад.Объекти маърифат қабл аз ҳама инсон аст, ки ӯ ба маърифати олам пардохтааст;
$C) Объекти маърифат протсесси инфароди буда танҳо инсони маърифаткунанда метавонад объекти маърифат бошад ҷамъият низ агар фаъолияти маърифатӣ дошта бошад метавонад объекти маърифат қарор гирад;
$D) Объекти маърифат ин фаъолияти илмию эҷодии иттиҳодияҳои олимон аст, ки ба низоми махсус самти муайяни тадқиқоти илми нигаронида шудааст.Натиҷаи тадқиқотҳои илмию маърифати объекти маърифат буда метавонанд;
$E) Объекти маърифат ин қабл ҳама маърифаткунанда буда инсону ҷамъият бошанд пешбарандаи ҳамин маърифатанд ҳама гуна натиҷаи мусбии фаъолияти илмӣ низ метавонад объекти маърифат бошад;

@175.Ин таъриф ифодаи чист? Воқеияти айнии (реалияти объективӣ) дар шуури инсон дода шудаи инъикоси фаъолиятест, ки қонуниятҳои объективии робитаҳои оламро ба таври идеалӣ аз нав меофарад.
$A) Дониш;
$B) Ҳақиқат;
$C) Илм;
$D) Ақл;
$E) Тасаввурот;

@176.Дониш шаклҳои худро дорад, ки номбар кунед.
$A) Донишҳои муқаррарӣ, образию бадеӣ, мифологӣ, динӣ, фалсафӣ, илмӣ;
$B) Асотирӣ, ҳақиқӣ, ғайриилмӣ, маърифатӣ образӣ, тахаюлӣ;
$C) Сатҳӣ номуҳим, тахаюлӣ, илмӣ, ғайримуқаррарӣ;
$D) Ақлӣ, эҳсосӣ, таҷрибавӣ, бадеӣ, ғайриилмӣ, динӣ ва ғайра;
$E) Донишҳои объективӣ, субъективӣ, мутлақ, нисбӣ бадеӣ, тахаюлӣ;

@177.Дар робитаи ба он ҷараёни фалсафии сенсуализм пойдор шуд, ки ин шакли маърифатро дар роҳи пойдорию устувории дониш саҳеҳтар меҳисобад.Ин чунин шакли маърифатест, ки ба воситаи узвҳои биноӣ ва шунавоӣ ба даст омада, на танҳо натиҷаи эволютсияи биологӣ, балки маҳсули таърихи умумиҷаҳонӣ ба шумор меравад.
$A) Маърифати ҳиссӣ;
$B) Маърифати илмӣ;
$C) Маърифати аклӣ;
$D) Маърифти таҷрибавӣ;
$E) Маърифати интуитивӣ;

@178.Ба кадом принсип консепсияи классикии ҳақиқат бунёд ёфтааст?
$A) Бунёди классикии ҳақиқатро принсипи мутобиқат ташкил медиҳад, ки мувофиқи он ҳақиқат ҳамчун дониш дар бораи объект, бояд ба худи объект мутобиқат кунад;
$B) Бунёди консепсияи классикии ҳақиқатро принсипи инъикос ташкил медиҳад, ки инъикоскунанда сурати инъикосшавандаро бояд пурра бигирад;
$C) Бунёди консепсияи классикии ҳақиқатро принсипи прагматизм ташкил медиҳад, ки мувофиқи он дониш ҳадафи мақсаднок дошта бошад;
$D) Бунёди консепсияи классикии ҳақиқатро принсипи герменевтикӣ ташкил медиҳад, ки мувофиқи он ҳадафи ҳақиқат ин фаҳмидану шарҳ додани он аст;
$E) Бунёди консепияи классиккии ҳақиқатро принсипи муоҳида- яъне пазируфтани аксиомаҳои қабулшуда аз ҷониби олимон ташкил медиҳад, ки фарзияҳои алоҳидаи он аксиомаҳо,бояд дар таҷриба санҷиш гарданд;

@179.Кадоме аз назарияҳои фалсафӣ, дар роҳи ташаккули фаҳмиши классикии ҳақиқат принсипи мувофиқатро маъмулан пазируфтанд?
$A) Консепсияи семантикаи ҳақиқат ва назарияи ҳақиқати диалектикию материалисти;
$B) Консепсияи прагматизм ва назарияи герменевтика;

$C) Назарияи идеализми объективӣ ва консепсияи семантика;
$D) Консепсияи сиентистии фалсафаи Ѓарб ва назарияи фалсафию фарҳангии постмодерн;
$E) Консепсияи антисиентисти ва назарияи герменевтика;

@180.Аксиомаҳо натиҷаи муоҳидаи байни олимон буда, фарзияҳои алоҳидаи он бояд дар таҷриба санҷиш гарданд.Ба таъкиди ҳамин нуқта онҳо имконияти амалӣ шудани принсипи мутобиқатро пазируфтанд.Бунёдгузорони ин консепсия А.Пуанкаре ва П.Дюгем ба хулосае омаданд, ки аксиомаҳои дар заминаи назарияҳо нуҳуфта, наметавонанд ё ҳақиқат ё ботил бошанд.Ин консепсияро маълум кунед.
$A) Конвенсионализм;
$B) Прагматизм;
$C) Феноменология;
$D) Назарияи мактаби навкантчигии Марбург;
$E) Консепсияи парадигмаҳои Т.Кун;

@181.Дар заминаи принсипи классики мутобиқат (соответствия) ин консепсияи ҳақиқат эҷод шуда, маърифатро ҳамчун инъикоси воқеияти объективӣ фаҳмида, таълимотро дар бораи ҳақиқати объективӣ, мутлақ ва нисбӣ додаст.Ин консепсияро муайян намоед.
$A) Консепсияи диалектикию материалистӣ;
$B) Консепсияи конвенсионализм;
$C) Консепсияи герменевтика;
$D) Консепсияи когерентии ҳақиқат;
$E) Консепсияи прагматизми ҳақиқат;

@182.Ин мундариҷаи таълимот дар бораи кадом ҳақиқат аст? Донишҳоест, ки инъикоси воқеии хосиятҳои объекти омӯхташударо дар худ гирифтааст ва мундариҷаи тасаввуротест, ки аз инсону инсоният вобастагӣ надорад.
$A) ҳақиқати объективӣ;
$B) ҳақиқати нисбӣ;
$C) ҳақиқати мутлақ;
$D) ҳақиқати ноуменали;
$E) ҳақиқати феноменалӣ;

@183.Донише таҳти ин мафҳуми ҳақиқат дар назар дошта мешавад, ки дар рафти инкишофи илм инкор намегардад ва он дониши пурра ва мукаммал оиди объекти маърифатшаванда аст.Ин кадом шакли ҳақиқат аст.
$A) ҳақиқати мутлақ;
$B) ҳақиқати «Илоҳӣ»;
$C) ҳақиқат и объективӣ;
$D) ҳақиқати нисбӣ;
$E) ҳақиқати ноуменалӣ;

@184.Предметро нопурра ва яктарафа баҳогузорӣ мекунад.Ин дастоварди мушаххаси илмии чӣ гуна ҳақиқат аст?
$A) ҳақиқати субъективӣ;
$B) ҳақиқати нисбӣ;
$C) ҳақиқати ноуменалӣ;
$D) ҳақиқати объективӣ;
$E) ҳақиқат и мутлақ;

@185.Масъалаи ҳақиқатро дар санъат, таърих ва дигар фанҳои гуманитарӣ ба миён гузоштан мумкин аст, вале аз нигоҳи ин ҷараёни фалсафӣ принсипи мутобиқатро оиди ҳақиқат дар илмҳои гуманитарӣ ва назм (поэзия) қобили қабул донистан мумкин нест.Ин кадом консепсияи оиди ҳақиқат аст?
$A) Герменевтика;
$B) Прагматизм;
$C) Конвенсионализм;
$D) Дилектикию материалистӣ;
$E) Когерентӣ;

@186.Аҳамияти олами берун ба сифати ченаки ҳақиқат аз ҷониби онҳо инкор гашта, мувофиқи ақидаи онҳо вобаста ба таѓйирёбии донишҳои мо, ҳақиқат низ инкишоф ёфтаю таѓйир меёбад ва бо андозаи инкишофи простсесси маърифат далелҳои қаблан номаълум ифшо мегарданд.Ин назария ва намояндагони он зимни ҳақиқат бар ин ақидаанд, ки ҳар матн маънои амиқ дошта, худи маъно бошад ҳамчун эҳсос фаҳмида мешавад.(Ж.Делез, Ж.Деррида ва дигарон).
$A) Постмодерн;
$B) Прагматизм;
$C) Феноменология;
$D) Фалсафаи таҳлилӣ;
$E) Фрейдизм;

@187.Фаъолияти мушаххаси одамон дар роҳи дигаргун сохтани олами муҳит ва худи инсон аст.Ин шакли асосии маърифат ва ченаки ҳақиқатро маълум созед.
$A) Амалия;
$B) Таҷриба;
$C) Ақл;
$D) Фаъолият;
$E) Илм;

@188.Ин шакли асосии маърифат истеҳсолоти моддӣ, фаъолияти идорӣ ва эксперименти илмиро дар худ гирифтааст, ки ном баред.
$A) Амалия;
$B) Таҷриба;
$C) Ақл;
$D) Илм;
$E) Эксперимент;

@189.Ченаки ҳақиқат, бунёди ҳақиқат, мақсади ҳақиқат, натиҷаи ҳақиқат - функсияҳои асосии он аст.Ин шакли маърифати оламро муайян кунед.
$A) Амалия;
$B) Маърифати ҳиссӣ;
$C) Маърифати илмӣ;
$D) Таҷриба;
$E) Маърифати ақлӣ;

@190.Чунин назария аслан дар математика, мантиқ истифода мегардад.Аз нигоҳи ин назария оиди ҳақиқат он ҷое, ки конструксияҳои бисёрсатҳии мантиқӣ мавҷуданд, муҳокимаҳои пайдарҳам ва бонизом ба эътибор гирифта шуда, хулосабарориҳои ҷамъ шуда, бояд мутазод набошанд.Ба ақидаи файласуфи америкои Решер назарияи мазкур дар баробари назарияи мутобиқат, назарияи прагматизм, ки амалияро ченаки ҳақиқат меҳисобад, яқдигарро иваз накарда, балки яқдигарро пурра месозанд.Ҳама гуна пешниҳодот воқеист, (ҳақиқат аст) агар вориди система (низом) гардаду мувозинату безиддиятии ботинии онро халалдор насозад, зикр мекунад пайрави ҳамин консепсия оиди ҳақиқат, О.Нейрат.Ин консепсия оиди ҳақиқатро, ки саромадагони он Лейбнитс, Спиноза, Гегел буданд ном баред.
$A) Консепсияи когерентӣ;
$B) Консепсияи конвенсионализм;
$C) Консепсияи феноменология;
$D) Консепсияи фалсафаи таҳлилӣ;
$E) Консепсияи семантикаи ҳақиқат;

@191.Тадқиқотҳои эмпирикӣ методҳои умумиилмиро истифода мебарад.Номбар кунед.
$A) Мушоҳида, эксперимент, муқоиса, тасвир, ченкунӣ;
$B) Анализ ва синтез, индуксия, болошудан аз абстраксия ба конкрет, муқоиса;
$C) Формализатсия, аксиоматикӣ, методи гипотетикӣ, дедуктивӣ, идеализатсия;
$D) Анализ ва синтез, мушоҳида, индуксия, абстраксия, моделсозӣ;
$E) Хулосабарорӣ, индуксия, дедуксия, синтез, муқоиса ва эксперимент;

@192.Маърифати назариявӣ низ методҳои умумиилмиро соҳиб аст, ки инҳоянд:
$A) Формализатсия, методи аксиоматикӣ, методи гипотетикӣ-дедуктивӣ, боло шудан аз абстраксия ба конкрет;
$B) Ченкунӣ, эксперимент, методи гипотетикӣ, дедуктивӣ, идеализатсия;
$C) Анализ ва синтез, абстраксиякунонӣ, башаклдарорӣ (формализатсия), индуксия, идеализатсия;
$D) Боло шудан аз абстраксия ба конкрет, анализ ва синтез, муқоиса, тасвир, дедуксия;
$E) Абстраксиякунонӣ, хулосабарорӣ, методи аксиоматикӣ, дедуксия;

@193.Методҳои тарзҳои тадқиқот ва умумимантиқро муайян созед.
$A) Анализ ва синтез, абстраксиякунонӣ, хулосабарорӣ, идеализатсия, индуксия;
$B) Мушохида, эксперимент, формализасия, методи аксиоматикӣ, дедуксия;
$C) Ченкунӣ, муқоиса, тасвир, идеализатсия, анализ ва синтез, абстраксиякунонӣ;
$D) Аз абстраксия ба конкрет боло шудан, идеализатсия, методи гипотетики, хулосабарори;
$E) Мушоҳида методи аксиоматикӣ, муқоиса, анализ ва синтез, дедуксия;

@194.Аҳамияти илмро мутлақ ҳисобида, ҳамчун муқаррароти фалсафию ҷаҳонбинӣ идораи истеҳсолот, давлат, стандартҳои маориф ва дигар соҳаҳои ҳаётии иҷтимоиро тобеъ ба методологияи илмӣ, прогресси ҷамъиятиро бевосита ба дастовардҳои донишҳои илмӣ алоқаманд холиста, илмро олитарин арзиши фарҳанг баҳогузорӣ карда, тахти мафҳуми илм пеш аз ҳама табиатшиносиро ҳамчун маҳаки фаъолияти маърифатӣ медонад.Онро нишон диҳед.
$A) Сийентизм;
$B) Позитивизми амвоҷи аввал;
$C) Махизм;

$D) Антисиентизм;
$E) Фалсафаи таҳлилӣ;

@195.Татбиқи илм инсонро ба мурвати механизми бузург ва побанди проблемаҳои бавуҷудовардаи илм аз қабили бӯҳрони экологӣ, хатари фалокатҳои ядрой сохтааст, ки он на ба прогресси этикӣ, балки ба нигилизми (шакокияти) этикӣ оварда мерасонад ва бештаре аз протсессҳои номатлуб (негативӣ) дар ҳаёти инсон ва ҷамъият, маҳсули прогресси илмию техникӣ, паҳншавии ҷаҳонбинии илмӣ-табиатшиносӣ буда, афзудани бегонашавӣ ва бемаъноии ҳаёт низ ба туфайли ворид сохтани илм ба ҳама соҳаҳои ҳаёт аст.Ин зуҳури махсуси ҷаҳонбинӣ ва ин муқаррароти фалсафию ҷаҳонбиниро маълум созед.
$A) Антисийентизм;
$B) Сийентизм;
$C) Махизм;
$D) Герменевтика;
$E) Антропология;

@196.Кадоме аз ҷараёнҳои муосири фалсафӣ антисиентизмро муаррифӣ мекунанд?
$A) Экзистенсиализм, фалсафаи ҳаёт, герменевтика, антропологияи фалсафӣ;
$B) Махизм, постпозитивизм, антропологияи фалсафӣ, фалсафаи навкантчигии немис;
$C) Материа-лизми эътидолӣ, фалсафаи ҳаёт, ирратсионализм, фрейдизм;
$D) Марксизм, маркузианӣ, неотомизм, теярдизм, фалсафаи таҳлилӣ;
$E) Герменевтика, махизм, структурализм, постмодернизм, феномено-логия;

@197.Диллемаи (хулосаи ду фикри ба ҳам зид) проблемавии ҷаҳонбинии муосир ва ба таври мутлақ баён шудани афкори сийентистӣ ва антисийетистӣ, аз чӣ шаҳодат медиҳад?
$A) Аз мавқеи ҷаҳонбинии илмию техникӣ ва гуманитарию бадеӣ;
$B) Аз мубориза байни материализм ва идеализм;
$C) Аз прогрессии илмӣ-техникӣ ва баланд шудани аҳамияти он;
$D) Аз харобшавии муҳити зист ва роҳҳои раҳоӣ аз он;
$E) Аз мавқеи ҷаҳонбинии ҷамъияти то индустриалӣ ва ҷаҳонбинии постиндустриалӣ;

@198.Мувофиқи ин принсип бояд дар заминаи ҳама гуна дониши илмӣ пешниҳодоти протоколие, ки базиси эмпирикии илмианд, бошанд.Вагарна он ё хулосаи ғайриилмӣ ё псевдоилмӣ (ботилилмӣ) мешаванд.Ва бояд ҳама муқаррароти илм ба далелҳои таҷриба муоиса шавад.Намояндагони марҳилаи сеюми ин ҷараёни муосири фалсафаи Ғарб илмӣ будани донишро мутобиқи ченаки верификатсия (калимаи лотинӣ, маънояш «ҳақиқатгузорӣ» ва «муқоисагузорӣ») муайян месозанд.Онҳоро маълум созед.
$A) Неопозитивизм;
$B) Прагматизм;
$C) Махизм;
$D) Постпозивитизм;
$E) Постструктурализм;

@199.Принсипи верификатсияро («ҳақиқатгузорӣ» ва «муқоисагузорӣ») танқид намуда, намояндаи яке аз марҳилаҳои (амвоҷи) позитивизм ба чунин ақида омад, ки бештаре аз муқаррароти назариявии физикаро наметавон ба «пешниҳодоти протоколӣ» ҷамъбаст кард.У нуқтаи назареро пешниҳод кард, ки ченаки асосии илмҳои эмпирикӣ- принсипи фалсификатсионӣ (аз калимаи лотинӣ «ботилсозӣ») бошад, ки мувофиқи он барои низоми илмҳои эмпирӣ имконияти дар таҷриба инкор шуданро фароҳам оварад.Ин намояндаи позитивизм ва марҳилаи ташаккули позитивизмро, ки ӯ муаррифӣ менамояд, пайдо кунед.
$A) К.Поппер постпозитивизм;
$B) Б.Рассел неопозитивизм;
$C) Витгенштейн неопозитивизм;
$D) Мах, Эвенариу, махизм;
$E) М.Фуко постструктурализм;

@200.Ҳамчун меъёри илм ҷиҳати фарқкунандаи ин назария чунин аст: исботпазирӣ, ғайримутазодии мантиқӣ, тасдиқи эмпирикӣ, муназзамият, осон, азнавҳосилшудан, ки такроршавии методҳо натиҷаҳои тадқиқоти илмиро дар назар дорад, инчунин маҷмӯи аломатҳои мантиқию математикӣ ва эмпирикӣ.Ин ҷиҳати фарқкунандаи кадом назария аст, ки фалсафаи илм пешниҳод мекунад?
$A) Назарияи система;
$B) Назарияи верификатсия;
$C) Назарияи фалсификатсия;
$D) Назарияи пролифератсия;
$E) Назарияи кумулиятивӣ;

@201.Таҳти ҳамин мафҳум чунин назарияи илмиест, ки дар марҳилаи муайяни таърихӣ нақши намунаи тадқиқоти илмиро мебозад ва назария ҳамон вақт ҷавобгӯи ҳамин мафҳум мешавад, ки агар иттиҳодияҳои илмӣ онро ҳамчун намуна эътироф созанд ва фаъолияти олимони алоҳида низ ба ҳамон маҷрои эътирофшуда самт гирад.Идеяро дар хусуси он ки назарияи нав ба кӯҳна алоқаманд нест, таҳия карда Т.Кун ин мафҳумро пешниҳод намуд.Ин мафҳум ва ин назарияро ном гиред.

$A) Парадигма;
$B) Верификатсия;
$C) «Пешниҳоди протоколӣ»;
$D) Назарияи система;
$E) Пролифератсия;

@202.Ин мутафаккир таърихи илмро тадқиқ намуда, ду марҳилаи инкишофи илмро ҷудо кард якум, инкишофи мӯътадил, ки фаъолияти олимонро дар доираи парадигмаи эътирофшуда муаррифӣ мекунад  дуюм, инкишофи инқилобӣ.Далелу фактҳои аномалие ҷамъ мешаванд, ки аз мавқеи парадигмаи эътирофшуда, исботнашавандаанд ва дар заминаи ҳамин  исботнашавандагӣ инқилоб дар илм ба вуҷуд омада, ивазу табдили парадигма сурат мегирад.Ин марҳилаҳои инкишофи илмро дар фалсафи муосир кӣ пешниҳод кард?
$A) Т.Кун;
$B) П.Фейерабенд;
$C) К.Поппер;
$D) К.Леви-Строс;
$E) Делез;

@203.Принсипи пролифератсияи (афзоиши) дониш ва идеяи беқиёсии онро ба миён гузоштааст, ки мувофиқи он консепсияҳои илмӣ ба таври хаотикӣ ба вуҷуд омада, ин назарияҳо мавқеи олимонеро баён мекунанд, ки онро эҷод кардаанд.Муқоиса намудани ин консепсияҳо номумкин аст ва он як шакли анархизми мутлақ дар илм аст.Давлат дар байни дигар шаклҳои дониш илмро ба шакли нави идеология табдил медиҳад, ки зарур аст онро аз давлат ҷудо бояд кард, ҳамчуноне, ки калисо аз давлат ҷудост.Ин мавқеи антисиентизмро кӣ дар фалсафаи муосири Ѓарб баҳн сохтааст.
$A) П.Фейерабенд;
$B) Б.Рассел;
$C) Л.Витгенштейн;
$D) Т.Кун;
$E) К.Поппер;

@204.Дар фалсафаи муосири Ѓарб аз мавқеи ин нуқтаи назар (аз лот: «васеъ шудан», «ҷамъ омадан»), дар инкишофи илм меросият (преемственность) мудавомияту муттасилиро мутлақ мегардонад, ки мувофиқи он инкишофи илм ҳамчун протссеси ҷамъовардани тадриҷии фактҳо, назарияҳо ё ҳақиқатҳост.Назарияи дигаре, ки зидди ақидаи болост гузаштани ҷаҳишмонанди илмро ба консепсияҳои ҷадид таъкид намуда, беқиёсии назарияҳо ва сарфи назар шудани назарияҳои кӯҳнаро таъкид менамояд.Агар нуқтаи назари аввалро неопозитивистҳо дастгирӣ кунанд, нуқтаи назари дуюмро постпозитивистҳо К.Поппер, Т.Кун, П.Фейерабенд таъкид мекунанд.Ин ду нуқтаи назарро оиди инкишофи донишҳои илмӣ пайдо кунед.
$A) Кумулиятивӣ ва антикумулиятивӣ;
$B) Верификатсия ва антиверификатсия;
$C) Пролифератсия ва антипролифератсия;
$D) «Пешниҳодоти протоколӣ» ва «беруназпротоколӣ»;
$E) Парадигма ва антипарадигма;

@205.Ба масъалаҳои пешбиниҳои иҷтимоӣ машѓул буда, эҷодкунандаи он сотсиологи немис О.Флехтхайм (солҳои 40-уми асри XX) мебошад.Ин самти илми муосири Ѓарб ба маънои таълимот дар бораи оянда ифода меёбад.Машҳуртарин олимон ва файласуфоне, ки ба проблемаҳои пешгӯиюю оянда бинӣ машѓуланд Г.Парсонс, Е.Ханке, И.Бестужев-Лада, Г.Шахназаров ва дигарон мебошанд.Ин соҳаи илми муосирро ном гиред.
$A) Футурология;
$B) Назарияи факторҳо;
$C) Назарияи стратификасия;
$D) Эсхатология;
$E) Назарияи конвергенсия;